*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 59-60 (4799-4800) | ДУШАНБЕ, 13 МАЙИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад






## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР МАРОСИМИ ГУЛЧАНБАРГУЗОРӢ БА ИФТИХОРИ 79-СОЛАГИИ РӮЗИ ҒАЛАБА

**Ҳаштуми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар маросими гулчанбаргузорӣ ба ифтихори 79 - солагии Рӯзи Ғалаба ба Боғи Ғалабаи пойтахт ташриф оварданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ва вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Мирзо истиқбол гирифтанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба поси хотираи афсарону сарбозон ва ҳамаи онҳое, ки дар ҷанг ҷони худро нисор кардаанд, дар назди «Оташи ҷовидон» гулчанбар гузоштанд.

Бо гузоштани гулчанбар ва гиромидошти қаҳрамонони мардуми тоҷик Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равони шаҳидони роҳи озодиро шод намуданд.

Дар ин рӯз, ҳамчунин, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе ва Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди «Оташи ҷовидон» гулчанбар гузоштанд.

Баъди анҷоми маросими гулчанбаргузорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо бардоштани пардаи рамзӣ «Муҷассамаи ғалаба»-ро баъди интиқоли он ба Боғи Ғалаба ва навсозиаш ифтитоҳ карданд.

Дар маросими ифтитоҳи маҷмааи навсозишуда, ҳамчунин, ҳайати расмии Федератсияи Россия бо роҳбарии муовини Раиси Думаи давлатии Маҷлиси федералии Федератсияи Россия Кара-Оол Шолбан иштирок намуданд.

Ҳамаи тадбирҳое, ки дар Боғи Ғалаба аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе амалӣ мегардад, ба хотири пос доштани ёди қурбониёни ҷанг мебошад.

Бояд гуфт, ки қаҳрамонию ҷоннисории падарону бобоён, ки дар рӯзҳои мудҳиши Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ барои озодии Ватан сина сипар намуданд, ҳамеша аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар қадр карда мешавад.

Мавриди зикри хос аст, ки дар арафаи таҷлили Рӯзи Ғалаба бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар кадом аз собиқадорони ҷанг 40 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба иштирокчиёни ҷанг аз пойтахт дар ҳаҷми 10 ҳазор сомонӣ кумаки якваќтаи молӣ расонда шуд. Ҳамчунин, бо супориши Президенти кишвар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба собиқадорон ва маъюбони Ҷанги дуюми ҷаҳон кумакпулии якваќта дастрас намуданд.

## САФАРИ КОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ МОСКВАИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ






**Ҳаштуми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин бо боздиди корӣ ба шаҳри Москва сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**8-уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ вориди шаҳри Москваи Федератсияи Россия шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии «Внуково-2»-и шаҳри Москва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони воломақоми Федератсияи Россия самимона пазироӣ карданд.

Зимни ин сафар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти ғайрирасмии сарварони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба 79-умин солгарди Рӯзи Ғалаба иштирок намуданд.

**Нуҳуми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба 79-умин солгарди Рӯзи Ғалаба ба қасри Кремл ташриф оварданд.**

Меҳмони олимақомро дар қасри Кремл Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин самимона истиқбол гирифтанд.

Сипас, аксгирии якҷояи роҳбарони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки барои иштирок дар чорабиниҳои тантанавӣ ба муносибати Рӯзи Ғалаба ва вохӯрии ғайрирасмии сарварони давлатҳои ИДМ ба шаҳри Москва ташриф овардаанд, баргузор гардид.

Дар маркази баргузории чорабиниҳои тантанавӣ – Майдони Сурх ба ифтихори 79-умин солгарди Рӯзи Ғалаба паради ҳарбӣ баргузор шуд, ки дар он шумораи зиёди низомиён иштирок намуданд.

Баъди анҷоми расми паради ҳарбӣ дар Майдони Сурх Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарварони давлатҳои иштирокдори чорабиниҳои тантанавӣ дар назди ёдгории Аскари номаълум гулчанбар гузошта, хотираи қурбониёни ҷангро гиромӣ доштанд.

Хотиррасон бояд намуд, ки танҳо аз Тоҷикистон беш аз 300 ҳазор нафар ба ҷанг рафта, аз ин шумора зиёда аз 100 ҳазор кас дар муҳорибаҳо ҳалок шудаанд. 64 нафар аз фарзандони шуҷои тоҷик барои корнамоиҳои беназир ва ҷоннисорӣ сазовори унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ шудаанд.

**9-уми майи соли ҷорӣ дар ҳошияи чорабиниҳо бахшида ба ҷашни 79-умин солгарди Рӯзи Ғалаба дар шаҳри Москва мулоқоти хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин доир гардид.**

Сараввал, сарварони давлатҳо ҳамдигар ва мардуми ҳар ду кишварро ба муносибати ҷашни 79-солагии Рӯзи Ғалаба табрик намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми мардуми тоҷикро махсус таъкид намуда, изҳор доштанд, ки 50 дарсади аҳолии қобили меҳнати ҳамон вақти Тоҷикистон дар он ҷанг иштирок намудаанд.

Ба масъалаҳои мубрами ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод ва тиҷорат, танзими муҳоҷирати корӣ ва муқовимати муштарак ба хатару таҳдидҳо дар соҳаи амният, бахусус терроризм, ифротгароӣ, тундгароии динӣ ва дигар зуҳуроти ҷиноятҡории муташаккили фаромиллӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Ҷонибҳо вобаста ба муқовимат ба хатару таҳдидҳои муосир доир ба беҳсозии ҳамоҳангӣ дар фаъолияти муштараки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси ҳар ду кишвар ба мувофиқа расиданд.

Зарурати аз ҷониби идораҳои дахлдор андешидани тадбирҳои муштараки муассир ҷиҳати рафъи мушкилот дар соҳаи муҳоҷирати корӣ бахусус таъкид гардид. Мувофиқа ҳосил шуд, ки ба ин хотир ҳайатҳои баландпояи ҳар ду ҷониб дар муҳлатҳои наздик гуфтушунид доир намоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳими дигар ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика буд. Сарварони давлатҳо барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар ин соҳа ба қарор омаданд, ки ба сохторҳои лозимаи ҳар ду ҷониб супоришҳои зарурӣ дода шавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин дар идомаи суҳбат масъалаҳои алоҳидаи байналмилалӣ ва минтақавиро муҳокима карданд. Дар хотима Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин барои пазироии гарм ва меҳмоннавозии анъанавӣ изҳори сипос намуданд.

## ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ҒАЛАБА

**ШАҲРИ ДУШАНБЕ, 9 МАЙИ СОЛИ 2024**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳон, собиқадорони меҳнат, тамоми шахсоне, ки дар он давраи вазнин дар ақибгоҳ заҳмат кашидаанд ва кулли мардуми Тоҷикистонро ба ифтихори Рӯзи Ғалаба бар фашизми гитлерӣ самимона табрик мегӯям. Ба хонадони ҳар як сокини кишвар сулҳу оромӣ ва зиндагии босаодат орзу менамоям.

Як ҳақиқати ба ҳамагон маълум вобаста ба он ҷанги пурфоҷиа ин аст, ки пирӯзӣ бар фашизм, маҳз дар натиҷаи мубориза и далерона ва қаҳрамониву ҷоннисориҳои фарзандони ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ таъмин карда шуд.

Танҳо аз Тоҷикистон беш аз 300 ҳазор нафар ба майдони муҳориба даъват ва сафарбар карда шуданд. Ин шумора дар он давра зиёда аз 50 фоизи аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурии моро ташкил мекард.

Аз 300 ҳазор нафар беш аз 100 ҳазор нафари онҳо дар муҳорибаҳо ҳалок гардида, даҳҳо ҳазори дигар беному нишон шуданд ва аксари онҳое, ки аз ҷанг баргаштанд, маъюб буданд. Дар шаҳру деҳоти ҷумҳурии мо садҳо ҳазор нафар кӯдакони ҷанговарони дар муҳорибаҳо ҳалокшуда ятим монданд.

Илова ба фиристодагони Тоҷикистон, ки дар майдони ҷанг ба хотири шикаст додани фашистон ва ҳимояи истиқлолу озодии халқҳо далерона меҷангиданд, калонсолон ва наврасону кӯдакон дар ақибгоҳ бо машаққати зиёд ва бо азоби гуруснагӣ шабу рӯз заҳмат мекашиданд. Онҳо дар таъмини ҷанговарон бо озуқаворӣ, сарулибос ва дигар лавозимоти зарурӣ саҳми бузург гузоштанд.

Мардуми Тоҷикистон, бо вуҷуди он ки дар он солҳо худашон дар шароити бисёр вазнин қарор доштанд, даҳҳо ҳазор нафар занону кӯдаконро аз ҷумҳуриҳои дар хатти ҷабҳа қарордошта қабул карда, ҳамаи онҳоро бо ғамхорӣ фаро гирифтанд.

Сокинони Тоҷикистон, ҳамчунин, аз ҳисоби маблағҳои ҷамъкардаи худ барои таъмин кардани артиш бо силоҳу муҳимот ва техникаи ҷангӣ саҳми арзишманд гузоштанд.

Сабақҳои фоҷиабори Ҷанги дуюми ҷаҳон башариятро ҳушдор медиҳанд, ки сулҳу оромӣ ва зиндагии бидуни ҷангу хунрезӣ неъмати бузург барои ҳар як инсон ва робитаҳои беғаразонаи ҳамкориву дӯстона дар байни халқу миллатҳо шарти муҳими пешрафту тараққиёти давлатҳо мебошад. Хусусан, дар шароити имрӯза, ки мардуми сайёраро таҳдиду хатарҳои муосир ва вазъи пурҳаводиси ҷаҳон, аз ҷумла кӯшишҳои азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, марҳалаи нави «ҷанги сард», ҷангу низоъҳои диниву мазҳабӣ, терроризму ифротгароӣ ва мушкилоти дигар, сахт ба ташвишу нигаронӣ овардаанд, мафҳумҳои «сулҳ», «оромӣ», «дӯстӣ», «ҳамдигарфаҳмӣ», «ҳамкорӣ» ва гуфтугӯи тамаддунҳо барои инсоният торафт маънии амиқтар ва аҳамияту афзалияти бештар пайдо карда истодаанд.

Мардуми тоҷик, ки баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон бори дигар дар таърихи муосири худ ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро аз сар гузаронидаанд, даҳшату фоҷиаи онро ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва ба қадри сулҳу субот бештар мерасанд. Бинобар ин, мо бояд ба шукронаи соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамеша ҳушёр ва сарҷамъу муттаҳид бошем, аҳлона заҳмат кашем, Ватанамонро обод созем, давлатамонро неруманду пешрафта гардонем ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем.

Бо умеди таҳкими сулҳ дар саросари дунё бори дигар иштирокчиёну собиқадорони муҳтарами ҷангу меҳнат ва мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ифтихори Рӯзи Ғалаба бар фашизм самимона табрик гуфта, ба ҳар фарди Ватан тандурустиву хонаободӣ ва ба кишвари маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу менамоям.

**Рӯзи Ғалаба муборак, ҳамватанони азиз!**

## ДАСТУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДОИР БА ПЕШГИРӢ ВА БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОҚИБАТҲОИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ



**10-уми майи соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвазири мамлакат, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳо дастур доданд, ки доир ба пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, ба мисли боронҳои шадиди селу ҷола, обхезӣ ва сангрезиш дар роҳҳои кӯҳӣ, чораҳои зарурӣ амалӣ намуда, мардумро аз ин хатарҳо огоҳ намоянд.**

Таъкид гардид, ки имрӯз ва чанд рӯзи наздики дигар дар минтақаҳои гуногун, бахусус ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, обу ҳавои номусоид ва офатҳои табиӣ пешбинӣ мегардад.

**www.prezident.tj**

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ДУ ҚОНУНИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲРИРИ НАВ ҚАБУЛ ШУД

**Ҳаштуми майи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 57 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурбой Солеҳзода, раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Давлатзода, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа чордаҳ масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани ризоият барои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Бобозода Умед»**

**2. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Роҳи Обигарм-Нуробод-пули дароз ва роҳҳои ба он васлшаванда» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»**

**5. Дар хусуси Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи озуқаворechoии ҷаҳонӣ**

**6. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ»**

**9. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб»**

**10. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Суғд»**

**11. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ»**

**12. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим»**

**13. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»**

**14. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи додани ризоият барои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин намудани Бобозода Умед» шурӯъ мекунем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани ризоият барои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Бобозода Умед» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Роҳи Обигарм-Нуробод-пули дароз ва роҳҳои ба он васлшаванда» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Роҳи Обигарм-Нуробод-пули дароз ва роҳҳои ба он васлшаванда» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ пешниҳод мегардад.

Созишномаи қарзии мазкур бо риояи расмиёти муқарраргардида 3 апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, ҳаҷми умумии маблағи қарзии ҷалбшаванда 536,4 млн. юани чинӣ ё 75,5 млн. доллари амрикоиро ташкил менамояд. Маблағи қарзии зикршуда ба муҳлати 29 сол, аз ҷумла 6 соли давраи имтиёзнокӣ, ҷалб шуда, хизматрасонии он бо меъёри тағйирёбандаи «SHIBOR» анҷом дода мешавад. Мақсад аз ҷалби маблағи қарзии мазкур сохтмони пул бо дарозии 920 метр дар масири роҳи Обигарм – Нуробод (дарозии роҳ ҳамагӣ 73 км), ҳамзамон, мусоидат ба рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмини равобити нақлиётии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсарҳад тавассути шоҳроҳи М-41, инчунин, таъмини бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар ин масир ва сарфаи вақти ҳамлу нақли бор ва мусофиркашонӣ мебошад. Барои татбиқи пурраи ин масири роҳ ҷалби 407,9 млн. доллар, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои грантии Бонки осиёии рушд 110 млн. доллар, қарзи Бонки аврупоии таҷдид ва рушд 150,3 млн. доллар, қарзи Фонди ОПЕК дар ҳаҷми 40,0 млн. доллар, кумаки техникии Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ (БОСИ) 3,2 млн. доллар, қарзи Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ (БОСИ) 75,5 млн. доллари амрикоӣ дар доираи созишномаи баррасишаванда ва 28,8 млн. доллари амрикоӣ саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Созишномаҳои мазкур бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва мавриди татбиқ қарор доранд.

Татбиқи лоиҳаи мазкур соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он дар соли 2030 ба нақша гирифта шудааст, яъне чор сол барои сохтмон ва ду соли дигар барои нигоҳдории пул равона мегардад.

Ҷалби маблағҳои мазкур ба талаботи меъёрҳои «Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 – 2026» мутобиқ мебошад.

Бо истифода аз фурсат барои дастгирии доимӣ ва ҳамкориҳои судманд ба шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд изҳори миннатдорӣ карда, ҳамзамон, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи созишномаи пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ ягон савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Роҳи Обигарм-Нуробод-пули дароз ва роҳҳои ба он васлшаванда» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ 3 - юми апрели соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Бо мақсади раҳо намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он Ҳукумати мамлакат аз нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ тамоми захираю имкониятҳоро сафарбар намуда, айни ҳол дар соҳаи нақлиёт 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 13 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Ҳоло лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди Роғун-Обигарм-Нуробод ба маблағи 3,3 миллиард сомонӣ идома ёфта, баъди тасдиқи лоиҳаи созишномаи қарзии мазкур бунёди пули калонтарин дар мамлакат бо дарозии 920 метр амалӣ хоҳад гардид.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаи мазкур дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ оид ба лоиҳаи «Роҳи Обигарм-Нуробод-пули дароз ва роҳҳои ба он васлшаванда» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки осиёии сармоягузории инфрасохторӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Давлатзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сулаймон ДАВЛАТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 - уми марти соли 2024 қайд намуданд, ки «бо дарназардошти таҷрибаи дар ин самт андӯхташуда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нави ҷавобгӯ ба талаботи замон қабул карда шавад». Дар ин замина, лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими ҷашну маросим ва баҳри беҳтар гардидани шароити иҷтимоӣ ва вазъи оилавии шаҳрвандон таҳия шудааст.



Дар лоиҳа мафҳуми «маросимҳо» ба «маросим», ки худ шакли ҷамъ аст, иваз карда, мафҳуми «анъана» хориҷ карда шуд, зеро дар матн муқаррароти марбут ба он пешбинӣ нашудааст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур моддаҳои нав доир ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот илова карда шуд. Дар навбати худ, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ва комиссияҳои доимии маҳаллӣ дар моддаҳои алоҳида мушаххас карда шуда, масъалаи ба ҳисоб гирифтани тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими азодорӣ дар асоси муроҷиатҳои электронии шахсони воқеӣ пешбинӣ карда шуд. Инчунин, дар моддаи 9-и лоиҳа меъёрҳои марбут ба ҷашнҳои расмӣ такмил дода шуда, бо мақсади тарбияи дурусти кӯдакон ва таъмини бехатарии онҳо дар рӯзҳои Иди Рамазон ва Иди Қурбон исрофкорӣ, зиёдаравӣ, тақдими ширинӣ ва туҳфаҳои дигар (идгардак) манъ карда шуд. Бояд қайд кард, ки дар кишварҳои дигар низ идгардак дар шакли мавҷуда ба мушоҳида намерасад.

Дар моддаи 11 лоиҳаи қонуни мазкур муҳлати ба таври ройгон гузаронидани хатна дар муассисаҳои тиббии дахлдор аз бист рӯзи амалкунанда ба як моҳ баъд аз таваллуди писар тамдид карда, меъёрҳои марбут ба хатнасури хайриявӣ хориҷ карда шуд, зеро хатнасур ва маросими дигари вобаста ба таваллуди кӯдак хусусияти оилавӣ касб намудаанд.

Дар моддаи 12-и лоиҳаи қонуни мазкур дар илова ба муқаррароти мавҷуда оид ба тӯйи домодию арӯсӣ, гузаронидани на зиёда аз ду маърака дар тӯйҳо пешбинӣ гардида, ташкили маъракаҳои дигари бо тӯйи домодию арӯсӣ алоқаманд манъ карда шуданд ва ба ҷойи додани зиёфат ё оши тӯй ба шаҳрвандон имкони сарф намудани маблағҳо барои корҳои хайриявию эҳсонкорӣ, аз ҷумла таъмири роҳ, кашидани хатти об, сохтмон ва ё таъмири иншооти иҷтимоӣ ва пулҳо пешниҳод карда шуд.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки тибқи таҷриба шаҳрвандон ҳангоми бақайдгирии давлатии ақди никоҳ 4 автомашина истифода намоянд ҳам, ҳангоми гусели арӯсу домод муқаррароти мазкур дар баъзе ҳолатҳо вайрон мегардид. Аз ин рӯ, дар лоиҳа истифодаи на бештар аз 4 автомашинаи сабукрав ҳангоми гусели арӯсу домод пешбинӣ гардид.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир шумораи умракунандагон афзуда, аз ҷониби баъзе шаҳрвандон ҳангоми пешвози умракунандагон ба зиёдаравию исрофкориҳо роҳ дода мешавад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 - уми марти соли 2024 бамаврид таъкид намуданд, ки: «Ҳоло ҳам ҳастанд шахсоне, ки баъди бозгашт барои ташкили маросими ҳоҷизиёрат боз ду баробар зиёдтар маблағ сарф мекунанд. Дар натиҷа, ба сабаби адои ҳаҷ ё умраи як нафар тамоми аҳли оила муддати дароз ба душвории молиявӣ гирифтор мегардад». Аз ин рӯ, дар моддаи 13 лоиҳаи қонуни мазкур дар доираи оила гузарондани маъракаҳои гуселу пешвози ҳам ҳоҷиён ва ҳам умракунандагон пешбинӣ гардида, тақсими туҳфаҳо, идона оро додани ҳавлӣ, кӯчаву маҳалла ва мошинҳо ба хотири ҳаҷ ва ё умра манъ карда шуд ва ба ҳоҷиён ва умракунандагон ҷойи маъракаҳои манъшуда имкони анҷом додани корҳои хайриявию эҳсонкорӣ, аз ҷумла таъмири роҳ, кашидани хатти об, сохтмон ва ё таъмири иншооти иҷтимоӣ ва пулҳо пешниҳод карда шуд.

Дар моддаи 18-и лоиҳаи қонуни мазкур меъёрҳои марбут ба уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми гузарондани ҷашну маросим такмил дода шуда, масъулияти сархатибон, имомхатибон, имомҳои масҷидҳои панҷвақта, ходимони ғайрирасмии динӣ, раисони маҳаллаҳо ва роҳбарони мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ барои риояи талаботи қонуни мазкур дар ҳудуди деҳаю маҳали истиқомат ва ё фаъолият пешбинӣ карда шуд. Инчунин, тибқи лоиҳа воридот, фурӯш, тарғиби либосҳои ба фарҳанги миллӣ бегона, инчунин, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пӯшидани чунин либосҳо манъ гардид.

Дар навбати худ, ба мақоми ваколатдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот имкон фароҳам оварда шуд, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва диниро ҷиҳати гузарондани чорабиниҳои омӯзишӣ ва маърифатӣ оид ба таъмини риояи талаботи қонуни мазкур, аз ҷумла пешгирии зиёдаравию исрофкорӣ дар баргузории ҷашну маросим, ақди никоҳи бармаҳалу ғайрирасмӣ ва қонунвайронкуниҳои дигар дар ин самт, ҷалб намоянд.

Дар сурати дастгирӣ ёфтани лоиҳаи қонуни мазкур раванди танзими баргузории ҷашну маросим такмил ёфта, таъмини риояи қонуни миллӣ боз ҳам беҳтар мегардад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Парвиз Шодизода дода мешавад. Марҳамат.

**Парвиз ШОДИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади танзими оқилонаи ҷашну маросими мардумӣ, ки зарурат ба он аз серхарҷ гардидан, тақлидкорӣ ва рақобати бемантиқ ҳангоми баргузории тӯю маъракаҳо ва ба бори гарони зиндагӣ табдил ёфтани маросими дафну азодорӣ ба миён омад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2007-ум қабул гардид.

Лоиҳаи қонуни мазкур, ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд, бори аввал дар таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба муҳокимаи умумихалқӣ бароварда шуда, беш аз ду моҳ идома ёфт ва зиёда аз 20 ҳазор таклифи шаҳрвандон доир ба такмили матни он манзур гардиданд. Ин қонун анъанаҳои аҷдодӣ ва меъёрҳои таърихан ташаккулёфтаи халқи тоҷикро ҷиҳати баргузории ҷашну маросими мардумӣ инъикос намуда, онҳоро дар асоси дастовардҳои фарҳанги миллӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ, эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ, сарфакорӣ ва истифодаи оқилонаи маблағҳо ба танзим медарорад.



Бо пеш омадани зарурат ва бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар ин самт, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардида, бо қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 - уми апрели соли 2024, № 2160 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз муқаддима, 6 боб ва 22 модда иборат буда, тартиби гузарондани ҷашну маросимро муайян карда, ба ҳифзи арзишҳои миллӣ, пешгирии хурофоту таассуб, баланд бардоштани маънавиёт ва сатҳи иҷтимоию иқтисодии мардуми Тоҷикистон равона гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ буда, аз буҷети давлат маблағи иловагиро талаб наменамояд. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Баротзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзулло БАРОТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии баргузории ҷашну маросим дар мамлакат таҳия гардидааст, ҳамчун идомаи сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат ҷиҳати дарёфти асолати фарҳангии ҷашну маросим дар зиндагии сокинон, пешгирӣ намудани рафторҳои хурофотӣ, исрофкорӣ ва тақлидҳои бебунёд муаррифӣ гардида, ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ба таҳкими сатҳи маънавиёти шаҳрвандон ва некуаҳволии шахс, оила ва ҷомеа равона гардидааст.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Сенздаҳуми майи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.

**«Садои мардум»**



# ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБАИ ПАРЛУМОНӢ БАРРАСӢ ГАРДИД

**8-уми майи соли 2024 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода бо ҳайати Думаи давлатии Маҷлиси федералии Федератсияи Россия бо роҳбарии муовини Раиси Думаи давлатӣ Кара-Оол Шолбан мулоқот ва масоили тақвияти ҳамкориҳои дуҷонибаи парлумониро баррасӣ намуданд.**

Маҳмадалӣ Ватанзода иброз намуд, ки густариши муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистон бо Федератсияи Россия яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, мубодилаи сафарҳои байнипарлумонии ҳар ду кишвар дар сатҳи зарурӣ қарор дорад.

Тоҷикистон барои тақвияти робитаҳои дуҷониба дар сатҳҳои гуногун, аз ҷумла табодули сафарҳои кории ҳайатҳои парлумонии ҳар ду кишвар ва роҳандозии дипломатияи байнипарлумонӣ, аҳамияти зарурӣ медиҳад.

Иброз гардид, ки фаъол будани гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ дар ҳайати парлумонҳои ҳар ду кишвар омили асосӣ ва муҳим барои густариши равобити дуҷониба дар ин самт аст. Бо истифода аз фаъолияти ин гурӯҳҳо мо метавонем қадамҳои ҷиддитар дар муносибатҳои байнипарлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бардорем.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМОҶТ**

# ДУ ҚОНУНИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲРИРИ НАВ ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз саҳ. 2)**

Ба андешаи мо, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз чанд ҷиҳат муҳим аст. Якум, қонуни мазкур аз нигоҳи техникаи қонунэҷодкунӣ ва услуби фаҳмои баён аз матни пештара ба маротиб беҳтар гардонда шудааст. Гуфтан мумкин аст, ки шеваи возеҳи ифодаи матлаб барои даст кашидан аз урфу одатҳои бебунёд, расму оинҳои шахшуда ва шигифтангез, бахусус дар бахши тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими ҳаҷҷу умра, мусоидат мекунад, дар партави мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 - уми марти соли 2024 рафтори хурофотӣ ва бегонапарастиро коҳиш медиҳад ва дар доираи ақлу идрок тасарруф намудани маблағҳои аз пайи меҳнат ва касби ҳалол ҷамъшудаи шаҳрвандонро ба манфиати оилаю фарзандон талқин менамояд.



Дуюм, дар матни лоиҳаи қонуни нав салоҳият ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот дар боби дуюм дарҷ гардида, моддаҳои 4-8 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдор, ваколатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, комиссияҳои доимии маҳаллӣ ва комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими ҷашну маросимро дар алоҳидагӣ муқаррар кардааст. Ин тартиб вазифа, салоҳият, ҳолатҳои истисноӣ ва масъулияти зинаҳои гуногуни ҳокимияти давлатиро ба таври мушаххас муайян месозад. Мазмуни моддаҳои ин боб доираи амали зинаҳои гуногуни мақомот, назорат ва пешгирии қонунвайронкунӣ дар самти танзими ҷашну маросимро аз боло ба поён ва ба таври амудию уфуқӣ пешбинӣ менамояд.

Сеюм, моддаи 19-уми боби 5 «Ҷалби аҳли ҷомеа ҳангоми гузаронидани тӯю маъракаҳо» сафарбар намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва диниро ҷиҳати гузарондани чорабиниҳои омӯзишӣ ва маърифатӣ дар самти пешгирии зиёдаравию исрофкорӣ ҳангоми баргузории ҷашну маросим пешбинӣ менамояд, ки барои таъмини риояи талаботи қонуни мазкур созгор хоҳад буд.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур масъулият ва уҳдадориҳои мақомоти ваколатдор ва шаҳрвандонро барои ташаккули мафкураи созгори ҷамъиятӣ дар самти танзими ҷашну маросим тақвият бахшида, ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро дар шинохти асолати фарҳангӣ баланд мебардорад ва омори қонунвайронкуниҳоро ба манфиати ҷомеа коҳиш медиҳад.

Дар асоси андешаҳои баёншуда, аз шумо - вакилони муҳтарам, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Раҳим САИДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» иқдоми саривақтӣ буда, қабули он дар ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат мекунад.

Дар шароити Тоҷикистон таълиму тарбияи кӯдак беҳбудиро мехоҳад. Аз ин рӯ, қабули лоиҳаи қонуни мазкур дар таҳрири нав ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои низом дар ин самт ба манфиат аст. Дар лоиҳаи қонуни мазкур нисбат ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 - юми августи соли 2011, №762 «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дигаргуниҳои зиёд ба манфиати фаъолият дар ин самт дида мешаванд. Шурӯъ аз худи номгузорӣ намудани лоиҳаи қонун, яъне аз «фарзанд» ба «кӯдак» табдил додани мафҳумҳои асосии қонун ва хориҷ намудани калимаҳои «падару модар» бисёр муҳим дониста мешаванд, зеро мафҳуми «фарзанд» маҳдуд буда, масъулият танҳо ба падару модар тааллуқ дорад, ҳол он ки дар татбиқи қонуни зикршуда дигар шахсон низ масъул мебошанд (масалан, омӯзгорон). Дар баробари ин, фарзанд ҳадди синнусолӣ надорад, аммо дар татбиқи қонуни зикршуда масъулияти падару модар танҳо нисбат ба фарзандони то 18 - сола, яъне кӯдак, пешбинӣ шуда буд.



Дар муқаддимаи лоиҳаи қонуни мазкур на танҳо мақсади қабули қонун, балки мавзуъ ва вазифаҳои асосии он низ инъикос ёфтаанд.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур бори аввал принсипҳои масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, ҷалби аҳли ҷомеа барои таълиму тарбияи кӯдак, мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ ва омӯзгор ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак пешбинӣ шуданд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ вобаста ба ҳамоҳангсозии қонуни мазкур мақоми ягонаи ваколатдори давлатӣ вуҷуд надорад. Дар лоиҳаи қонуни зикргардида норасоии мазкур бартараф шуда, дар моддаи 8 ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ пешбинӣ гардидааст. Дар моддаи 9 ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ амалигардонии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ва ғайра муқаррар шудаанд.

Дар амалия вобаста ба татбиқи қонун мушкилоте мавҷуд буд, ки падару модар фарзандони худро ба хешу ақрабо бе ягон расмиёт супорида, ба давлатҳои дигар мерафтанд. Хешу ақрабо масъулиятро нисбат ба кӯдак ба уҳда нагирифта, нисбат ба онҳо барои иҷро накардани уҳдадориашон чораҳои дахлдор андешида намешуд. Дар натиҷа кӯдакон ба оворагардӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо даст зада, аз таълиму тарбия дур мемонданд. Дар лоиҳаи қонун мушкилоти мазкур бартараф шуда, дар сарҳати 7 моддаи 1 дар баробари падару модар, инчунин, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигаре, ки кӯдак воқеан таҳти таълиму тарбияи онҳо қарор дорад, масъул гардиданд.

Мушкилоти дигаре, ки лоиҳаи қонуни мазкур бартараф намудааст, ин дақиқ пешбинӣ намудани иштироки мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, ҳамоҳангсозӣ дар фаъолияти онҳо, муайян намудани ваколатҳои ин ниҳодҳо мебошанд.

Соли 2018 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, №762 «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» тағйиру иловаҳо вобаста ба комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии қонун ворид карда шуда буд, аммо бинобар мушаххас пешбинӣ накардани муқаррарот ҳангоми фаъолияти комиссияи ҷамъиятии мазкур дар амалия мураккабиҳо ба миён омаданд. Дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ аслан татбиқкунанда ва назораткунандаи талаботи лоиҳаи қонуни мазкур комиссияҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Дар лоиҳаи қонун шумораи аъзои комиссия ва ҳайати он дақиқ муқаррар гардидааст. Ҳамзамон, дар салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудани тасдиқи низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак пешниҳоди бамаврид буда, фаъолияти ин комиссияҳоро пурра ва ҳаматарафа ба танзим медарорад. То ҳол қабули чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар амалия мавҷуд набуд.

Ин ва дигар навгониҳо дар лоиҳаи қонуни мазкур ташаббуси бамавридест, ки ислоҳоти назаррасро дар самти таълиму тарбияи кӯдак ба миён меоварад. Аз ин рӯ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Холмаҳмадзода Солеҳа дода мешавад. Марҳамат.

**Солеҳа ХОЛМАҲМАДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии наврасону ҷавонон ва бо самти созанда ба роҳ мондани таълиму тарбия ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқиро ба тасвиб расондааст, ки яке аз чунин санадҳои муҳим Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мебошад, ки он 2 - юми августи соли 2011, №762 бо таклифу пешниҳоди зиёда аз 2 миллион нафар шаҳрвандон қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Пешвои миллат ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи қонун ба муҳокимаи умум қайд намуданд, ки қонуни мазкур ба наслҳои имрӯзу ояндаи кишвар нигаронида шудааст, зеро масъулият барои сарнавишти Ватан ва ояндаи миллат дар навбати аввал маҳз ба уҳдаи насли ҷавон хоҳад гузашт.

Бинобар бо сабаби танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, шароит ва эҳтиёҷоти мавҷуда дар таълиму тарбияи кӯдак зарурати дар таҳрири нав таҳия намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба миён омада, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод карда шуд. Мақсади асосии лоиҳаи қонуни мазкур муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак пурзӯр намудан, таълиму тарбияи кӯдакро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, фарҳангӣ ба роҳ мондан буда, он ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидааст, зеро таълиму тарбияи дурусти кӯдакон, манъ намудани онҳо аз корҳои зишту нораво, дар рӯҳияи худшиносӣ, ватандорию ватанпарастӣ ва бо ахлоқи ҳамида тарбия намудани онҳо яке аз масъалаҳои асосии ҷомеаи имрӯзаи мо мебошад. Таълиму тарбияи кӯдак дар ҳамкории зичи се ниҳоди иҷтимоӣ - оила, мактаб ва ҷомеа сурат мегирад. Бинобар ин, тамоми қишрҳои ҷомеа бояд дар ин самт худро масъул ва уҳдадор ҳисобида, зиндагии кӯдакро тибқи нақшаи муайян амалӣ намоянд.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз муқаддима, 7 боб ва 25 модда иборат буда, муҳимияти он нисбат ба қонуни амалкунанда дар он аст, ки дар чордаҳ моддаи нави лоиҳаи қонуни мазкур муносибатҳоро оид ба масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак ва ҳуқуқу уҳдадориҳо аз ҷониби падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда, омӯзгор, муассисаи таълимӣ, комиссияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақоми ваколатдор ва дигар вазорату идораҳо ва аҳли ҷомеа дар моддаҳои алоҳида оварда шудааст.

Дар асоси Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 - уми апрели соли 2024, №2161 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ барои баррасӣ ва ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ сурорида шуд. Аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ба кумитаи масъул 75 таклифу пешниҳод ворид гардида, аз онҳо 9 таклиф пурра қабул, 2 таклиф қисман қабул шуда, 64 таклиф қабул нагардид.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ буда, аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи озуқаворecho ҷаҳонӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Содиқ Имомӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Содиқ ИМОМӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ», ки 12 - уми декабри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, пешниҳод карда мешавад. Зарурати қабули қарори мазкур ин ба анҷом расондани расмиёти дохилидавлатӣ ҷиҳати эътибор пайдо кардани ёддошти тафоҳуми мазкур ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки фаъолияти Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ ҳамчун сохтори СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Созишномаи асосӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ аз 14 - уми июли соли 2003, ки дар он ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти тарафайн дарҷ шудааст, амалӣ мешавад.

Боиси тазаккур аст, ки Нақшаи стратегии кишварии «Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2023-2026» дар давоми ду сол (2021-2022) дар ҳамкорӣ ва мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар доираи он Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ тасмим гирифтааст, ки тариқи барномаҳои мухталиф аз донорҳо қариб наваду ду миллион (91 900 725) доллари амрикоӣ барои расондани кумак дар шакли озуқаворӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намояд. Нақшаи стратегии номбурда ба чаҳорчӯбаи ҳамкории Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди устувор барои Тоҷикистон (солҳои 2023-2026) ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», ки роҳбурди фарогири кишвар барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор маҳсуб меёбад, мутобиқ карда шудааст. Он ба тавсияҳои арзёбии мустақили «Нақшаи стратегии кишвар барои солҳои 2019-2024» асос ёфтааст, ки дар соли 2021 баргузор шудааст ва ҳамзамон, ба ҳадафҳои 1, 2 ва 17 Ҳадафҳои рушди устувор ва натиҷаҳои стратегии 1, 2, 3 ва 4-и Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ саҳм мегузорад.

Дастгирии Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ дар доираи ин нақшаи стратегӣ ба ҳадафҳои миллӣ тавассути дастгирии воситаҳои рӯзгузаронӣ, беҳтарсозии истеҳсолоти кишоварзӣ, беҳтарсозии натиҷаҳои тандурустӣ, маориф, истеъмоли ғизо ва таҳкими ниҳодҳо ва низомҳои миллӣ мусоидат хоҳад кард. Дар доираи Нақшаи стратегӣ кумаки техникӣ ва машваратҳои сиёсӣ, инчунин, барои ба ҳадди аксар расондани даромади сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва ғизо пешниҳод карда мешавад. Яъне, баҳрабардорони лоиҳаи мазкур доираи васеи соҳаҳо ва бахшҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвари мо мебошанд.

Муқаррароти ёддошти тафоҳуми мазкур бо меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории миллӣ мутобиқ буда, зарурати ба онҳо ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба миён намеорад ва маблағи иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад. Бо дарназардошти ин, аз шумо – вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қарори пешниҳодшударо ҷонибдорӣ кунед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мавзуна Шамсидинзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавзуна ШАМСИДДИНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ 12 - уми декабри соли 2023 ба имзо расида, тибқи Нақшаи стратегии кишварии «Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2023 – 2026», Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ тасмим гирифтааст, ки дар доираи барномаҳои мухталиф аз донорҳо ба андозаи 91,9 млн. доллари амрикоӣ ҳамчун кумак дар шакли озуқаворӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намояд.



Бояд қайд кард, ки бо ибтикор ва зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳи ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари мо бо тамоми шариконӣ рушд, аз ҷумла Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид, ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст. Тавре иттилоъ дорад, масъалаҳои ҳамкориҳо бо ин созмони бонуфузи байналмилалӣ бори дигар зимни сафари расмии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба давлати Италия баррасӣ гардиданд. Дар мулоқот изҳори итминон карда шуд, ки бо талоши рӯзафзуни ҷонибҳо дар оянда низ ҳамкорӣ ба татбиқи ислоҳоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалисозии яке аз ҳадафҳои стратегӣ - таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ғизои хушсифат, дар маҷмӯъ ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор, мусоидат хоҳад намуд.

Ёддошти тафоҳуми мазкур аз 11 модда иборат мебошад. Назорат ва арзёбии муқаррароти дахлдори нақшаи стратегӣ мутобиқи муқаррарот ва қоидаҳои Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ аз тарафи Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад.

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ тамоми расмиёти дохилиро тибқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳо тасдиқи ёддошти тафоҳуми мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Он ба муқаррароти моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқат мекунад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони гиромӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки тасдиқи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи озуқаворӣ ҷаҳониро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи озуқаворӣ ҷаҳонӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади такмили кодекс ва пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ, иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ ва вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи танзими ҷашну маросим таҳия шудааст.

Тавре маълум аст, 1-уми марти соли ҷорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул гардид, ки тибқи он шаҳрвандон уҳдадоранд таълими миёнаи умумиро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ гиранд. Дар ин замина, мутобиқи лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида моддаи 164 (Монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ) дар таҳрири нав ифода гардида, ҷавобгарии ҷиноятиро пурзӯр кардааст.

Ҷазои моддаи 174 (Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ) дар таҳрири нав ифода ёфта, мутобиқи он ҳадди ҷарима зиёд гардида, дар як вақт ба сифати ҷазои алтернативӣ корҳои ҳатмӣ низ пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, ба кодекси мазкур моддаи нав (Моддаи $240^1$. Машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ) илова гардидааст, ки тибқи он барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ, агар чунин кирдор дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст. Инчунин, ба кодекси мазкур моддаи нави дигар (Моддаи $334^2$. Вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи танзими ҷашну маросим) илова гардидааст, ки мутобиқи он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои такроран содир намудани кирдорҳои дахлдор дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ, пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил ёфтааст. Бинобар ин, аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мавлудахон Мирзозода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавлудахон МИРЗОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади муайян ва пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ, иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ ва моддаҳои нав, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ, инчунин, вайрон кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим таҳия карда шудааст.



Баъди ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» моддаи 164 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ) дар таҳрири нав ифода гардида, тибқи он, барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда мешавад. Дар айни ҳол ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нуҳсола) пешбинӣ шудааст. Инчунин, тибқи иловаи пешбинишуда ба моддаи 166 кодекс минбаъд ба ғайри шахсоне, ки дар модда пешбинӣ шудаанд, инчунин, шахсоне, ки воқеан ба зиммаашон тарбияи шахсони ноболиғ гузошта шудааст, барои ҷалби шахси ноболиғ ба содир намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ тибқи қисми 2 ин модда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Бо мақсади пурзӯр кардани ҷавобгарӣ санксияи моддаи 174 (Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ) дар таҳрири нав илова мегардад. Инчунин, ба кодекси мазкур моддаи нав 240 илова 1 кирдори ҷиноятиро барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ, агар чунин кирдор дар давоми соли баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, ҳамзамон, моддаи нав (Моддаи $334^2$. Вайрон кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим) илова мегардад, ки мутобиқи он барои аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ, муассис ё роҳбари ташкилоти тиҷоратӣ, сарҳатиб, имомхатиб, имоми масҷиди панҷвақта, ходимони ғайрирасмии динӣ, раиси маҳалла ва дигар роҳбарони мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, инчунин, дағалона ё дар шароити пайдоиш ва паҳншавии пандемияи бемориҳои сироятӣ, ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, вазъияти фавқулода вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи танзими ҷашну маросим, агар ин кирдорҳо дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми расмиётро гузашта, кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни зикршуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти дохилии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш мекунам, ки барои қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар иброз гардида буданд, таҳия гардидааст. Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур моддаҳои 90 (Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи кӯдак), $464^1$ (Ба кӯдак додани иҷозати воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ ва марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ) ва 481 (Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим) дар таҳрири нав пешниҳод гардидааст.

Дар моддаи 90 падару модар, васӣ, парастор, шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, намояндаи дигари қонунии кӯдак, инчунин, шахси воқеии дигар, ки кӯдак воқеан таҳти тарбияи ӯ қарор дорад, барои пешгирӣ накардани амалҳои зерини кӯдак, аз ҷумла бе сабабҳои узрнок ба таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро нагирифтани кӯдак зиёда аз панҷоҳ соати дарсӣ дар як чоряк, паҳн кардани маводди дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, тундгароӣ, ҷудоихоҳӣ, порнографӣ ва зӯроварӣ, зарар расондан ба биною иншоот, шикастани панҷараҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва ороишоти дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои таърихию фарҳангӣ насбшуда, ба муассисаи таълимӣ овардани маҳсулоти тамоку, машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, сахтаъсир ва мадҳушкунандаи дигар, асбобу ашёи манъшуда ва халандаву буранда, инчунин, гирифта гаштани онҳо ва дигар кирдорҳо, ҷавобгарии маъмурӣ пурзӯр гардидааст.

Моддаи $464^1$ низ бо мақсади роҳ надодани кӯдак барои воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ (клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок) аз тарафи шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар таҳрири нав пешниҳод гардидааст.

Мувофиқи лоиҳаи қонуни мазкур моддаи 481 дар таҳрири нав таҳия гардидааст, ки тибқи он, барои хабардор накардани комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими ҷашну маросим дар хусуси баргузории тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими азодорӣ, барои оростани зиёфатҳои манъшуда, вайрон намудани тартиби гузарондани зодрӯз, хатнасур, дигар маросими вобаста ба таваллуди кӯдак, дафну азодорӣ ва мавлудхонӣ, барои вайрон намудани тартиби гузарондани тӯйи домодию арӯсӣ, инчунин, риоя накардани вақт ва давомнокии баргузории ҷашну маросим, барои риояи накардани тартиби гузарондани маъракаҳои гуселу пешвоз барои адои ҳаҷ ё умра, ташкили маъракаҳои ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталбон, ҳоҷиошӣ ва дигар маърака ба хотири ҳаҷ ё умра, инчунин, тақсими туҳфаҳо, идона оро додани ҳавлӣ, кӯчаву маҳалла ва мошинҳо ба хотири ҳаҷ ё умра ҷавобгарӣ пурзӯр ва кирдорҳо мушаххас карда шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# ДУ ҚОНУНИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲРИРИ НАВ ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз саҳ. 3)**

Ҳамзамон, ҷазои қисми 2 моддаи 482 (Машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ) дар таҳрири нав ифода гардидааст ва мутобиқи он андозаи ҷаримаи маъмурӣ зиёд карда, дар як вақт ҳабси маъмурӣ низ ҳамчун ҷазои алтернативӣ илова шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил ёфтааст. Бинобар ин, аз шумо вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мансур Усмонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мансур УСМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи талаботи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мушаххас ва пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи кӯдак ва риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим таҳия шудааст. Тибқи лоиҳа, моддаҳои 90 ва $464^1$-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар таҳрири нав ифода ёфтааст. Дар моддаҳои мазкур барои иҷро накардани уҳдадориҳо дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак аз ҷониби падару модар, васӣ, парастор, шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, намояндаи дигари қонунии кӯдак, шахси дигари воқеӣ, ки кӯдак таҳти тарбияи ӯ қарор дорад, инчунин, аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешгирӣ накардан ва ё ба кӯдак додани иҷозати воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ, марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ ва риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вақти манъшуда, барои расондани зарар ба объектҳои ҷамъиятӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, ба муассисаҳои таълимӣ овардани ҳама гуна моддаҳои мадҳушкунанда ва ашёҳои манъшуда меъёрҳо пешбинӣ шудаанд. Вобаста ба кирдорҳои содиршуда ҷазои маъмурӣ дар моддаҳои зикршуда нисбат ба субъектони ҳуқуқвайронкунанда мушаххас ва пурзӯр карда шудааст. Моддаи 481 низ дар таҳрири нав ифода ёфта, дар он вобаста ба риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим меъёрҳо мушаххас гардидаанд. Тибқи моддаи мазкур барои вайрон кардани ҳама гуна маросими миллӣ, ба монанди тӯйи домодию арӯсӣ, маросими азодорӣ, зодрӯз, хатнасур, маросими дигар вобаста ба таваллуди кӯдак, вайрон намудани тартиби хизматрасонии ҷашну маросим, риоя накардани маъракаҳои гуселу пешвоз вобаста ба адои ҳаҷ ё умра, баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдорҳои ҳуқуқвайронкунӣ, дар вазъияти фавқулода, пандемияи бемориҳои сироятӣ гузарондани маърака, инчунин, аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ, роҳбарони ташкилот, ходимони дин ва роҳбарони дигари мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ оид ба танзими ҷашну маросим, меъёрҳо муайян гардида, барои аз ҷониби шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вобаста ба содир намудани кирдорҳояшон ҷазои маъмурӣ мушаххас ва пурзӯр карда шудааст. Ҳамзамон, моддаи 482 (Машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ) дар таҳрири нав ифода гардида, мутобиқи он андозаи ҷаримаи маъмурӣ зиёд карда, дар як вақт ҳабси маъмурӣ низ ҳамчун ҷазои алтернативӣ пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми расмиёти дохилиро гузаштааст. Аз ҷониби кумитаҳо ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонун мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷонибдорӣ гардид. Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни зикргардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурбой Солеҳзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ашурбой СОЛЕҲЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвият бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ омода шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ дошта, ба бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта бо дарназардошти манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» иқдоми саривақтӣ буда, мақсад аз таҳияи он баланд бардоштани ҷолибияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта, самаранокии фаъолияти маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дар ин раванд ҳар чӣ бештар ҷалб кардани сармояи хориҷиву ватанӣ, ташкили корхонаҳои нав, нигоҳ доштани ҷойҳои кории мавҷуда ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тақвияти иқтидори содиротии ҷумҳурӣ ва коҳиш додани вобастагии кишвар аз воридот мебошад. Дар лоиҳаи қонуни мазкур мафҳумҳои «феҳристи ягонаи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ», «ширкати хизматрасон», принсипи «равзанаи ягона» ва «минтақаи озоди иқтисодии комплексӣ» ва дигар муқаррароти бо ворид намудани ин мафҳумҳо алоқаманд пешбинӣ карда шудаанд. Дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» мафҳуми «ширкати хизматрасон» ворид карда шудааст.

Ширкати хизматрасон - субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ мебошад, ки фаъолияти худро дар хизматрасонии ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ (аз ҷумла муҳофизат ва тоза нигоҳ доштани ҳудуд ва иншоот, корҳои боркунию борфарорӣ, таъмир, сохтмон ва нигоҳдории биноҳо ва иншоот, таъмини субъектҳои минтақа бо қувваи барқ, об, канализатсия ва нақлиёт, ба кироя додани ҳудуд, анборҳо ва биноҳои дигар, муаррифии минтақаи озоди иқтисодӣ барои ҷалби сармоя ва пешниҳоди дигар хизматрасониҳо ва кор) аз ҳисоби худ амалӣ менамояд.

Роҳандозии фаъолияти ширкати хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба коҳиш додани вобастагии молиявии маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз буҷети давлатӣ барои рушди инфрасохтори минтақаҳо мусоидат менамояд.

Пешбинӣ шудани мафҳумҳои «феҳристи ягонаи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва принсипи «равзанаи ягона» ба содагардонии расмиёти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавассути коҳиш додани муҳлати расмиёт, таъмини шаффофияти он ва маҳдуд намудани робитаи мустақими довталабон бо мақомоти давлатӣ ҳангоми омодасозӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, тибқи истифодаи технологияи рақамӣ, равона карда шудааст.

Ворид намудани мафҳуми «комплексӣ» пас аз сархати чоруми қисми 2 моддаи 5-и қонуни амалкунанда аз қисмҳои 3, 4, 5, 6 ва 7 моддаи 5 ҳамин қонун иқтибос мегирад. Моҳияти он дар қисми 8 ҳамин модда чунин пешбинӣ шудааст: «Минтақаи озоди иқтисодии комплексӣ минтақаи озоди иқтисодие мебошад, ки хусусиятҳои якчанд намуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (саноатӣ, савдо ва тиҷоратӣ, хизматрасонӣ, инноватсионӣ, илмию тадқиқотӣ ва ҷорикунанда)-ро дар бар мегирад».

Дар лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод гардидааст, ки дар қисми 4 моддаи 24 қонуни амалкунанда калимаҳои «мақомоти ваколатдор дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва рушди иқтисод ва савдо» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ» иваз карда шаванд, зеро тибқи банди 1 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои ташкил, идоракунӣ ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки лоиҳаи қонуни мазкур бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар дигар кишварҳо ва таҷрибаи кории зиёда аз 10 соли фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ таҳия карда шудааст. Мавриди зикр аст, ки дастуру супоришҳои Сарвари давлат вобаста ба тақвият бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи ватанию хориҷӣ моро водор месозад, ки бо истифода аз тамоми имконияту шароити мавҷуда саҳми минтақаҳои озоди иқтисодиро дар татбиқи сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти мусоидат ба рушди содирот ва воридотивазнамоӣ баланд бардорем. Бо дарназардошти ин, аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашурзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ворид намудани мафҳумҳои «феҳристи ягонаи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ», «ширкати хизматрасон» ва принсипи «равзанаи ягона» мебошад.

Пешбинӣ шудани мафҳумҳои «феҳристи ягонаи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва принсипи «равзанаи ягона» ба содагардонии расмиёти пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавассути кам кардани иштироки довталабон дар раванди ҷамъоварӣ ва омодасозии ҳуҷҷатҳо ва инчунин, маҳдуд намудани робитаи мустақими онҳо бо субъектҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи технологияи рақамӣ равона карда шудааст. Инчунин, мафҳуми «ширкати хизматрасон» ҷиҳати роҳандозии низоми нави идоракунӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори зарурӣ дар минтақа ва пешниҳоди хизматрасониҳои муосири инфрасохторӣ ба субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин, роҳандозии фаъолияти ширкати хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба коҳиш додани вобастагии молиявии маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз буҷети давлатӣ ва васеъ намудани сарчашмаҳои андозбандӣ мусоидат менамояд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ ва ҳамзамон, 30 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки қисми зиёди онҳо қабул гардиданд.

Лоиҳаи қонуни зикргардида ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурбой Солеҳзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ашурбой СОЛЕҲЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвият бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ омода шудааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ин баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, бартараф намудани маҳдудият дар ҷалби сармоя, тақвият бахшидани фаъолияти маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ ва субъектҳои он дар таъсиси корхонаҳои нав ва ҷойҳои нави корӣ, тавсеаи иқтидори содиротии кишвар ва воридотивазнамоӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ мебошад.

Пешбинӣ намудани мафҳуми «ширкати хизматрасон» ҷиҳати ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори замонавӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ дар минтақа дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, роҳандозии технологияҳо ва таҷрибаи пешқадами хизматрасониҳо ба субъектҳо, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои тиҷоратӣ ба субъектҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои фаъолияткунанда ва устувории молиявии маъмурияти минтақа мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин, роҳандозии фаъолияти ширкати хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба коҳиш додани вобастагии молиявии маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ аз буҷети давлатӣ барои рушди инфрасохтор мусоидат менамояд. Таҳлилҳо дар давоми фаъолияти минтақа нишон медиҳанд, ки имкониятҳои буҷети давлатӣ барои маблағгузории сохтмони инфрасохтори замонавӣ дар ҳудуди минтақа маҳдуд мебошанд.

Дар таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ фаъолияти ширкатҳои хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ васеъ ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, дар Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» намуди фаъолияти саноатию инноватсионӣ ба намуди фаъолият ба комплексӣ иваз карда шуд. Мақсад аз тағйир додани намуди фаъолият ба комплексӣ аз байн бурдани маҳдудият ҳангоми ҷалби сармоягузорони соҳаҳои гуногун мебошад. Дар баробари ин, дар лоиҳаи низомномома тартиби фаъолияти комиссия оид ба баррасии лоиҳаҳои сармоягузории довталабон дар назди маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ барои гирифтани мақоми субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ карда шуд.

Мақсад аз ворид намудани тағйироти мазкур содагардонии расмиёти баррасӣ ва бақайдгирии субъектҳо ва коҳиш додани муҳлат ва хароҷоти ин расмиёт мебошад.

Дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо аз 25 сол то 50 сол ба аз байн бурдани маҳдудият ҷиҳати ҷалби бештари сармоя ва дар ин замина бақайдгирии субъектҳои нав равона гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» соли 2019 таъсис ёфта, баъд аз 19 сол муҳлати амали ин минтақа ба охир мерасад. Аз ин рӯ, барои таъмини ҷолибияти минбаъдаи сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ зарурат ба дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо ба миён омадааст.

Барои оғози фаъолияти истеҳсолӣ дар низомномаи минтақаи озоди иқтисодӣ сармоягузорӣ намудани на кам аз 500 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ карда шудааст. Бинобар ин, дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба низомнома пешниҳод мегардад, ки бо мақсади аз байн бурдани маҳдудият дар ҷалби сармоя рақами «500 ҳазор» ба «300 ҳазор» иваз карда шаванд.

Ҳамзамон, қаблан муҳлати истифодашудаи таҷҳизоти технологӣ-истеҳсолии ба минтақа воридшаванда на зиёда аз 3 сол пешбинӣ шуда буд. Бо мақсади ҷалби технологияҳои пешқадам пешниҳод гардид, ки муҳлати истифодаи технологияи воридшаванда на зиёда аз 2 сол бошад. Бо дарназардошти ин, аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашурзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Мақсади лоиҳаи қарори мазкур барои баланд бардоштани ҷалби сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва тақвият бахшидани фаъолияти маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва субъектҳои он дар самти ҷалби бештари сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Инчунин, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ фаъолияти «ширкати хизматрасон» васеъ ба роҳ монда шуда, бо ин роҳ маблағгузориҳои бахши хусусӣ барои сохтмон ва нигоҳдории инфрасохтори минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси қарордоди дарозмуҳлат бо давлат ва субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар баробари таъмини риояи меъёрҳои баланди сифати идоракунӣ ҷалб карда мешаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии кишварҳо ва таҷрибаи кории зиёда аз 10 соли фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ таҳия карда шудааст. Лоиҳаи қарори мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ ва ҳамзамон, 14 таклифу дархостҳо пешниҳод намуданд, ки қисме аз онҳо қабул шуд. Лоиҳаи қарори мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қарори мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурбой Солеҳзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ашурбой СОЛЕҲЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвият бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ омода шудааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ин баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, бартараф намудани маҳдудият дар ҷалби сармоя, тақвият бахшидани фаъолияти маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ ва субъектҳои он дар таъсиси корхонаҳои нав ва ҷойҳои нави корӣ, тавсеаи иқтидори содиротии кишвар ва воридотивазнамоӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ мебошад.

Пешбинӣ намудани мафҳуми «ширкати хизматрасон» ҷиҳати ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори замонавӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ дар минтақа дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, роҳандозии технологияҳо ва таҷрибаи пешқадами хизматрасониҳо ба субъектҳо, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои тиҷоратӣ ба субъектҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои фаъолияткунанда ва устувории молиявии маъмурияти минтақа мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин, роҳандозии фаъолияти ширкати хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба коҳиш додани вобастагии молиявии маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ аз буҷети давлатӣ барои рушди инфрасохтор мусоидат менамояд.

Таҳлилҳо дар давоми фаъолияти минтақа нишон медиҳанд, ки имкониятҳои буҷети давлатӣ барои маблағгузории сохтмони инфрасохтори замонавӣ дар ҳудуди минтақа маҳдуд мебошанд. Дар таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ фаъолияти ширкатҳои хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ васеъ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон, дар Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» намуди фаъолияти истеҳсолию инноватсионӣ ба намуди фаъолият ба комплексӣ иваз карда шуд. Мақсад аз тағйир додани намуди фаъолият ба комплексӣ аз байн бурдани маҳдудият ҳангоми ҷалби сармоягузорони соҳаҳои гуногун мебошад.

Дар баробари ин дар лоиҳаи низомномома тартиби фаъолияти комиссия оид ба баррасии лоиҳаҳои сармоягузории довталабон дар назди маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ барои гирифтани мақоми субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ карда шуд.

Мақсад аз ворид намудани тағйироти мазкур содагардонии расмиёти баррасӣ ва бақайдгирии субъектҳо ва коҳиш додани муҳлат ва хароҷоти ин расмиёт мебошад.

Дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо аз 25 сол то 50 сол ба аз байн бурдани маҳдудият ҷиҳати ҷалби бештари сармоя ва дар ин замина бақайдгирии субъектҳои нав равона гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» соли 2009 таъсис ёфта, аллакай баъд аз 16 сол муҳлати амали ин минтақа ба охир мерасад. Аз ин рӯ барои таъмини ҷолибияти минбаъдаи сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ зарурат ба дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо ба миён омадааст.

Қайд кардан зарур аст, ки барои оғози фаъолияти истеҳсолӣ дар Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» сармоягузорӣ намудани на кам 500 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ карда шудааст. Бинобар ин, дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба низомнома пешниҳод мегардад, ки бо мақсади аз байн бурдани маҳдудият дар ҷалби сармоя рақами «500 ҳазор» ба «300 ҳазор» иваз карда шаванд.

Қаблан муҳлати истифодашудаи таҷҳизоти технологӣ-истеҳсолии ба минтақа воридшаванда на зиёда аз 3 сол пешбинӣ шуда буд. Бо мақсади ҷалби технологияҳои пешқадам пешниҳод гардид, ки муҳлати истифодаи технологияи воридшаванда на зиёда аз 2 сол бошад. Бо дарназардошти ин, аз шумо - муҳтарам Раис ва вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Суғд»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашурзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Лоиҳаи қарори мазкур барои баланд бардоштани ҷалби сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва тақвият бахшидани фаъолияти маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва субъектҳои он дар самти ҷалби бештари сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Ҳамзамон, тағйироту иловаҳои воридгардида бо муқарраротӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» мутобиқ карда шудааст.

Тағйиру иловаҳо ба низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо аз 25 сол то 50 сол, ҷалби бештари сармоя ва дар ин замина бақайдгирии субъектҳои нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мусоидат ба рушди содироти маҳсулот аз минтақаҳо, тақвияти истеҳсолоти воридотивазкунанда ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ равона карда шудаанд.

Лоиҳаи қарори мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ ва ҳамзамон, 25 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки аксарияташ қабул гардид. Лоиҳаи қарори мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз ин лиҳоз, аз шумо – вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қарори мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурбой Солеҳзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ашурбой СОЛЕҲЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвият бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ омода шудааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳои иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» ин баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, бартараф намудани маҳдудият дар ҷалби сармоя, тақвият бахшидани фаъолияти маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ ва субъектҳои он дар таъсиси корхонаҳои нав ва ҷойҳои нави корӣ, тавсеаи иқтидори содиротии кишвар ва воридотивазнамоӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ мебошад.

Пешбинӣ намудани мафҳуми «ширкати хизматрасон» ҷиҳати ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори замонавӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ дар минтақа дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, роҳандозии технологияҳо ва таҷрибаи пешқадами хизматрасониҳо ба субъектҳо, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои тиҷоратӣ ба субъектҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои фаъолияткунанда ва устувории молиявии маъмурияти минтақа мувофиқи мақсад мебошад. Дар таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ фаъолияти ширкатҳои хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ васеъ ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин, дар лоиҳаи низомномома тартиби фаъолияти комиссия оид ба баррасии лоиҳаҳои сармоягузории довталабон дар назди маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ барои гирифтани мақоми субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ карда шуд.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳои мазкур содагардонии расмиёти баррасӣ ва бақайдгирии субъектҳо ва коҳиш додани муҳлат ва хароҷоти ин расмиёт мебошад.

Дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо аз 25 сол то 50 сол ба аз байн бурдани маҳдудият ҷиҳати ҷалби бештари сармоя ва дар ин замина бақайдгирии субъектҳои нав равона гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» соли 2008 таъсис ёфта, аллакай баъд аз 16 сол муҳлати амали ин минтақа ба охир мерасад. Аз ин рӯ, барои таъмини ҷолибияти минбаъдаи сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ зарурият ба дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо ба миён омадааст.

Барои оғози фаъолияти истеҳсолӣ дар низомномаи минтақаи озоди иқтисодӣ сармоягузорӣ намудани на кам 500 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ карда шудааст. Бинобар ин дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба низомнома пешниҳод мегардад, ки бо мақсади аз байн бурдани маҳдудият дар ҷалби сармоя рақамҳои «500 ҳазор» ба «300 ҳазор» иваз карда шаванд. Ҳамзамон, қаблан муҳлати истифодашудаи таҷҳизоти технологӣ-истеҳсолии ба минтақа воридшаванда на зиёда аз 3 сол пешбинӣ шуда буд. Бо мақсади ҷалби технологияҳои пешқадам пешниҳод гардид, ки муҳлати истифодаи технологияи воридшаванда на зиёда аз 2 сол бошад. Бо дарназардошти ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

**(Давомаш дар саҳ. 5)**

# ТАШАББУСҲОЕ, КИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНРО БА ТАДБИРАНДЕШӢ ВОДОР МЕСОЗАНД

**Обшавии босуръати пиряххо, ки бар асари тағйирёбии иқлим ба вуҷуд омадааст, ба зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад. Бо назардошти ин Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид «Дар бораи тағйирёбии иқлим» ҷиҳати пешгирӣ намудани тағйирёбии иқлим иқдомҳои саривақтӣ ва ниҳоят муҳимро амалӣ намудааст.**

Боиси ифтихори тоҷикону тоҷикистониён аст, ки дар ду даҳсолаи охир зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари мо пешоҳанги ҳалли масоили глобалии марбут ба обу иқлим эътироф гардид. Маҳз бо ибтикори Сарвари башардӯсту ташаббускори мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эъломияву қатъномаҳои Созмони Милали Муттаҳид соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт», солҳои 2018 - 2028 «Даҳсолаи байналмилалии «Об - барои рушди устувор», соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва дар доираи он 21 март Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо эълон гардид.



14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар Иҷлосияи 77-ум пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷонибдорӣ намуда, бо қатънома соли 2025- ро «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кард. Ин пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 154 кишвари узви СММ пазируфта шуд.

Қабули чунин як қатънома боиси сарфарозии ҳар як фарди тоҷик ва аҳли ҷомеа маҳсуб мешавад. Дар асоси ин қатънома ташаббусҳои Президенти кишвар, аз ҷумла эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, эълон шудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо, аз ҷониби давлатҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ба 10 конвенсияи байналмилалии соҳаи ҳифзи муҳити зист шомил буда, ба ҳайси узви фаъоли созмонҳои минтақавию байналмилалӣ рисолати хешро дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ шарафмандона амалӣ менамояд.

Истифодаи самараноки захираҳои об, кам кардани талафоти он, беҳтар гардондани сифати об ва пешгирии ифлосшавии манбаъҳои он доимо дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Дар ин асос, ҳамгироӣ нисбат ба масъалаҳои вобаста ба об, ки метавонад заминаи расидан ба комёбиҳои нав бошад, дар «Барномаи ислоҳоти бахши оби Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2025» пешбинӣ шудааст.

Дар маҷмӯъ, ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саривақтӣ буда, ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид, институтҳои минтақавию байналмилалӣ ва давлатҳои ҷаҳонро водор менамояд, ки ба мушкилоти марбут ба об боз ҳам бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

**М. САЛОҲИДДИНЗОДА,**
**корманди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДУ ҚОНУНИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲРИРИ НАВ ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз саҳ. 4)**

Лоиҳаи қарори мазкур барои зиёдтар ҷалб шудани сармоя ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва тақвият бахшидани фаъолияти маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва субъектҳои он дар самти ҷалби бештари сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Тағйиру иловаҳои воридгардида бо муқарраротӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» мутобиқ шудааст.



Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» бо назардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии кишварҳо ва таҷрибаи кории зиёда аз 10 соли фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ таҳия шудааст. Лоиҳаи қарори мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ ва ҳамзамон, 22 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки аксари он қабул шуд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурбой Солеҳзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ашурбой СОЛЕҲЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвият бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ омода шудааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» ин баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, бартараф намудани маҳдудият дар ҷалби сармоя, тақвият бахшидани фаъолияти маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ ва субъектҳои он дар таъсиси корхонаҳои нав ва ҷойҳои нави корӣ, тавсеаи иқтидори содиротии кишвар ва воридотивазнамоӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ мебошад.

Пешбинӣ намудани мафҳуми «ширкати хизматрасон» ҷиҳати ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори замонавӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ дар минтақа дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, роҳандозии технологияҳо ва таҷрибаи пешқадами хизматрасониҳо ба субъектҳо, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои тиҷоратӣ ба субъектҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои фаъолияткунанда ва устувории молиявии маъмурияти минтақа мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин, роҳандозии фаъолияти ширкати хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба коҳиш додани вобастагии молиявии маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ аз буҷети давлатӣ барои рушди инфрасохтор мусоидат менамояд.

Таҳлилҳо дар давоми фаъолияти минтақа нишон медиҳанд, ки имкониятҳои буҷети давлатӣ барои маблағгузории сохтмони инфрасохтори замонавӣ дар ҳудуди минтақа маҳдуд мебошанд.

Дар таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ фаъолияти ширкатҳои хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ васеъ ба роҳ монда шудааст.

Дар лоиҳаи низомнома тартиби фаъолияти комиссия оид ба баррасии лоиҳаҳои сармоягузории довталабон дар назди маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ барои гирифтани мақоми субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ шудааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳои мазкур содагардонии расмиёти баррасӣ ва бақайдгирии субъектҳо ва коҳиш додани муҳлат ва хароҷоти ин расмиёт мебошад.

Дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо аз 25 сол то 50 сол ба аз байн бурдани маҳдудият ҷиҳати ҷалби бештари сармоя ва дар ин замина бақайдгирии субъектҳои нав равона гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» соли 2009 таъсис ёфта, баъд аз 16 сол муҳлати амали ин минтақа ба охир мерасад. Аз ин рӯ, барои таъмини ҷолибияти минбаъдаи сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ зарурият ба дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо ба миён омадааст.

Барои оғози фаъолияти истеҳсолӣ дар низомномаи минтақаи озоди иқтисодӣ сармоягузорӣ намудани на кам 500 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ шудааст. Бинобар ин, дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба низомнома пешниҳод мегардад, ки бо мақсади аз байн бурдани маҳдудият дар ҷалби сармоя рақами «500 ҳазор» ба «300 ҳазор» иваз карда шаванд.

Ҳамзамон, қаблан муҳлати истифодашудаи таҷҳизоти технологӣ-истеҳсолии ба минтақа воридшаванда на зиёда аз 3 сол пешбинӣ шуда буд. Бо мақсади ҷалби технологияҳои пешқадам пешниҳод гардид, ки муҳлати истифодаи технологияи воридшаванда на зиёда аз 2 сол бошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қарори мазкур бо баромадҳои қаблӣ дар ҳамбастагӣ қарор дорад. Зарурати такмили Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» ин беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ, мусоидат ба ҷалби васеи сармоя, таҳким бахшидани фаъолияти маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ ва субъектҳои он дар самти ҷалби бештари сармоягузорӣ, таъсиси субъектҳои нави соҳибкорӣ ва ҷойҳои нави корӣ, татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазнамоӣ дар кишвар мебошад.

Лоиҳаи қарори зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ ва ҳамзамон, 28 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки аксари он қабул шуд.

Лоиҳаи қарори мазкур дар Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қарори мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» шурӯъ мекунем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурбой Солеҳзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ашурбой СОЛЕҲЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвият бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ омода шудааст.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ин баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа, бартараф намудани маҳдудият дар ҷалби сармоя, тақвият бахшидани фаъолияти маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ ва субъектҳои он дар таъсиси корхонаҳои нав ва ҷойҳои нави корӣ, тавсеаи иқтидори содиротии кишвар ва воридотивазнамоӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ мебошад.

Пешбинӣ намудани мафҳуми «ширкати хизматрасон» ҷиҳати ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори замонавӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ дар минтақа дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, роҳандозии технологияҳо ва таҷрибаи пешқадами хизматрасониҳо ба субъектҳо, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои тиҷоратӣ ба субъектҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои фаъолияткунанда ва устувории молиявии маъмурияти минтақа мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин, роҳандозии фаъолияти ширкати хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба коҳиш додани вобастагии молиявии маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ аз буҷети давлатӣ барои рушди инфрасохтор мусоидат менамояд.

Таҳлилҳо дар давоми фаъолияти минтақа нишон медиҳанд, ки имкониятҳои буҷети давлатӣ барои маблағгузории сохтмони инфрасохтори замонавӣ дар ҳудуди минтақа маҳдуд мебошанд. Дар таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ фаъолияти ширкатҳои хизматрасон дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ васеъ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон, дар Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» намуди фаъолияти истеҳсолию инноватсионӣ ба намуди фаъолият ба комплексӣ иваз карда шуд. Мақсад аз тағйир додани намуди фаъолият ба комплексӣ аз байн бурдани маҳдудият ҳангоми ҷалби сармоя мебошад.

Дар баробари ин, дар лоиҳаи низомномома тартиби фаъолияти Комиссия оид ба баррасии лоиҳаҳои сармоягузории довталабон дар назди маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ барои гирифтани мақоми субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ шуд.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳои мазкур содагардонии расмиёти баррасӣ ва бақайдгирии субъектҳо ва коҳиш додани муҳлат ва хароҷоти ин расмиёт мебошад.

Дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо аз 25 сол то 50 сол ба аз байн бурдани маҳдудият ҷиҳати ҷалби бештари сармоя ва дар ин замина бақайдгирии субъектҳои нав равона гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» соли 2009 таъсис ёфта, аллакай баъд аз 16 сол муҳлати амали ин минтақа ба охир мерасад. Аз ин рӯ, барои таъмини ҷолибияти минбаъдаи сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ зарурият ба дароз кардани муҳлати фаъолияти минтақаҳо ба миён омадааст.

Барои оғози фаъолияти истеҳсолӣ дар Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» сармоягузорӣ намудани на кам 500 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ карда шудааст. Бинобар ин дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба низомнома пешниҳод мегардад, ки бо мақсади аз байн бурдани маҳдудият дар ҷалби сармоя рақами «500 ҳазор» ба «300 ҳазор» иваз карда шаванд.

Ҳамзамон, қаблан муҳлати истифодашудаи таҷҳизоти технологӣ-истеҳсолии ба минтақа воридшаванда на зиёда аз 3 сол пешбинӣ шуда буд. Бо мақсади ҷалби технологияҳои пешқадам пешниҳод гардид, ки муҳлати истифодаи технологияи воридшаванда на зиёда аз 2 сол бошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Лоиҳаи қарори мазкур низ бо баромадҳои қаблӣ дар ҳамбастагӣ қарор дорад. Ҳаминро қайд карданиям, ки дар Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» намуди фаъолият аз истеҳсолию инноватсионӣ ба комплексӣ иваз карда мешавад. Мақсад аз тағйир додани намуди фаъолият аз истеҳсолию инноватсионӣ ба комплексӣ аз байн бурдани маҳдудият ҳангоми ҷалби сармоягузориҳо мебошад.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ҳам бо назардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии кишварҳо ва таҷрибаи кории зиёда аз 10 соли фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ таҳия шудааст.

Лоиҳаи қарори зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ ва ҳамзамон, 27 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки аксари он қабул шуд.

Лоиҳаи қарори пешниҳодгардида дар Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор НАЗИРӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» барои фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати таҳия ва қабули «Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ», ки аз талаботи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бармеояд, пешниҳод мешавад.

Қобили зикр аст, ки дар «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми июни соли 2021, №441 тасдиқ шудааст, фарогирии молиявӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои таъмини рушди устувори бахши молиявии мамлакат муҳим арзёбӣ гардидааст. Тибқи зербанди 9), банди 37 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии барномаи мазкур таҳияи «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стратегияи миллии маърифати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар алоҳидагӣ пешбинӣ шудааст.

Бо мақсади таъмини ҳадафҳои пешбининамудаи барномаи мазкур Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» - ро таҳия намуд, ки он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 - уми июли соли 2022, №314 тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дорад. «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чор самти асосиро дар бар гирифта, яке аз самтҳои афзалиятноки он «Саводнокии молиявӣ» мебошад, ки бо пешниҳоди вазорату идораҳои дахлдор ва тавсияҳои шарикони рушд дар он масъалаҳои асосии барои рушди низоми бонкии мамлакат муҳим пешбинӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, дар соли 2022 зарурати пешниҳод намудани лоиҳаи омодашудаи «Стратегияи миллии маърифати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун ҳуҷҷати алоҳида мавқуф гузошта шуд. Чунки дар марҳилаи аввал масъалаҳои асосии вобаста ба баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» фаро гирифта шуданд.

Омӯзиши таҷрибаи аксар давлатҳо собит менамояд, ки баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ бо назардошти рушди босуръати технологияҳои муосири рақамӣ дар низоми бонкӣ дар чанд марҳила тавассути қабул ва дар амал татбиқ намудани барномаҳои миёнамуҳлати давлатӣ (5-сола) амалӣ мешавад. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар марҳилаи дуюм таҳия ва дар амал татбиқ намудани барномаи давлатии алоҳида ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ манфиатбахш буда, ба рушди низоми бонкии мамлакат, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявӣ ва фарогирии молиявии аҳолӣ мусоидат хоҳад намуд.

Бо назардошти асоснокии овардашуда, тибқи лоиҳаи қарори пешниҳодшаванда дар зербанди 9) банди 37 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» тағйири дахлдор ворид карда шуда, заминаи ҳуқуқии таҳия намудани лоиҳаи «Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030» дар соли 2025 пешбинӣ гардидааст. Лоиҳаи қарори мазкур ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қарори мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Фозил Обидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Фозил ОБИДЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» бо мақсади фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати дар соли 2025 таҳия ва қабул намудани «Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030» таҳия шудааст.



Бояд қайд намуд, ки мувофиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бо мақсади таҳкими иқтидори захираҳои инсонии ташкилотҳои қарзии молиявии ҳамаи сатҳи низоми бонкӣ, таҳия намудани «Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ» пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаи қарори зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ ва ҳамзамон, 2 таклиф пешниҳод намуданд, ки он ба назар гирифта шуд.

Лоиҳаи қарори пешниҳодгардида дар Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон* барои солҳои 2021-2025» *ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон савганд ёд мекунад. Бобозода Умед, марҳамат, савганд ёд кунед.



*Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон Умед Бобозода савганд ёд кард.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои фаъол буданатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Тозанашр

# «ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН - МАКТАБИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ»

**Бо ин ном чанде пеш китоби доктори илмҳои таърих Ширин Қурбонова нашр шуд**

Муаллиф ҳамчун таърихнигор мақолаҳои нахустинро ба ҷойгоҳи Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ чун гардиши куллӣ дар кишвар бахшида зикр намудааст, ки ин ҳама пешравиҳо ба номи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста мебошанд. Муҳимтарин сухане, ки иштирокдорони ин иҷлосияи таърихӣ ва кулли мардуми Тоҷикистон аз забони Сарвари ҷавони кишвар баъд аз интихоб шудан ба ин маснади олӣ шуниданд, «Ман ба шумо сулҳ меоварам!»,- нидое буд, ки дар дили миллионҳо нафар мардуми кишвар шуълаи умедро ба оянда афрӯхт. Муаллиф ваҳдатофарии Пешвои миллатро махсус ёдовар шудааст. Баъд аз хотимаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тақвият бахшидани раванди ваҳдати миллиро аз вазифаҳои умдаи давлату ҷомеа қарор доданд.

Дар силсиламақолаҳои дигари маҷмӯа, ки ба созмон додани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бахшида шудаанд, низ нақши бунёдгузори он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҷаста таҷассум ёфтааст. Маҳз, тавассути хиради волои Пешвои миллат ин ҳизб ба як неруи бузурги созанда, пешбаранда ва бунёдкор мубаддал гардид. Муаллиф дар мақолаҳои «Муҳимтарин ҳадафҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2017», «Сохтори ташкилӣ, маром ва мақсади фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон» ва ғайра мавқеи ин ҳизбро дар муттаҳид намудани неруҳои пешбаранда, ваҳдатсозу сулҳовар, дорои масъулияти баланди давлатсозӣ ва нигаҳдории давлати ба ҳамин роҳ гузоштани саҳми арзанда дар бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Хулосаи мантиқии муаллиф, роҷеъ ба он ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давраи ниҳоят мураккабу душвор таъсис ёфт, дар лаҳзаҳои ҳассос ва ҳалкунанда барои миллату давлат ҷиҳати мустаҳкам гардидани ҳокимияти конститутсионӣ рисолати бузургро адо намуд, воқеъбинона мебошад.

Рамзист, ки муаллиф силсилаи мақолаҳои дигари маҷмӯаро ба таҳлили масъалаҳои муҳими ҷомеа - боло бурдани сатҳу некуаҳволии мардум, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, рушди иқтисоди мамлакат, саноатикунонии босуръати кишвар, боло бурдани сатҳи маънавиёт, густариши илму фарҳанг, арҷгузорӣ ба тамаддуни куҳан, рушди ҳунарҳои мардумӣ ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, эҳёи ҷашнҳои бостонии миллиамон Наврӯз, Меҳргон, Садаву Тиргон ва аҳамияти онҳо, ки бевосита аз иқдоми наҷибонаи Пешвои миллатамон бармеоянд, бахшидааст.

Дар маҷмӯа, ҳамчунин, мақолаҳо вобаста ба навгониҳои солҳои охири пойтахтамон - шаҳри Душанбе, ки ба шаҳри илму фарҳанг, сайёҳату фароғат табдил ёфтааст, ҷой дода шудаанд. Дар баробари ин, муаллиф андешаҳояшро оид ба фарҳанги шаҳрнишинӣ ибрози намуда, сокинони пойтахтро ба ободу озода нигоҳ доштани муҳити зист даъват менамояд.

Қисми дигари мақолаҳои маҷмӯа ба рушди илму маориф, омӯзиши техника ва технологияи нав, тақвияти неруи зеҳнӣ бахшида шудаанд. Муаллиф ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вобаста ба эълони «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) шоиста ва омили муҳими рушди саноати кишвар маънидод намудааст.

Маҷмӯа барои доираи васеи хонандагон, аз ҷумла сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, муҳаққиқон ва нафароне, ки ба омӯхтани масъалаҳои назарияи таърихи фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва арзишҳои умумимиллӣ рағбат доранд, аз манфиат холӣ нест.

**Мирзошоҳрух АСРОРӢ,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон**




# АНҶУМАНИ ҒАЙРИНАВБАТИИ ҲДТ

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи Конститутсия давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф шудааст, аз рӯзҳои аввали расидан ба истиқлоли давлатӣ барои фаъолияти бисёрҳизбӣ заминаҳои мусоиди меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам овардааст.**

Ин аст, ки давоми беш аз се даҳсола ҳизбҳои сиёсӣ аз рӯи меъёрҳои баробарҳуқуқӣ фаъолият дошта, дар рушди соҳаҳои гуногуни кишвар саҳми назаррас мегузоранд.

Дар чунин як фазои мусоид 11 майи соли ҷорӣ Анҷумани ғайринавбатии Ҳизби демократи Тоҷикистон зери роҳбарии муовини аввали раиси ҳизб Аҳмадшоҳ Комилзода баргузор гардид.

Бо назардошти он ки, тибқи хулосаи шурои сиёсии Ҳизби демократи Тоҷикистон, фаъолияти ҳизб дар давраи солҳои 2022-2024 ғайриқаноатбахш эътироф гашт, пешниҳод шуд, ки дар ҳайати роҳбарикунандаи ҳизб тағйирот ворид карда шавад.

Дар ҳамин замина, вакилони анҷуман номзадии се нафар - Шаҳбози Аброр, Ҷаббор Юлдошев ва Илёсиддин Саидҷаъфаровро ба мақоми раиси ҳизб пешниҳод намуданд. Илёсиддин Саидҷаъфаров ихтиёран номзадиашро бозхонд намуд. Аз ҳайати умумии вакилон, ки 94 нафарро ташкил медод, 64 нафар ба тарафдории Шаҳбози Аброр ва 8 нафар ба ҷонибдории Ҷаббор Юлдошев овоз доданд.

Ҳамин тариқ, дар асоси овоздиҳии кушод Шаҳбози Аброр бо касби теъдоди бештари овозҳо раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон интихоб гардид.

Ҳамчунин, бо пешниҳоди вакилони анҷуман ва дар асоси овоздиҳӣ Аҳмадшоҳ Комилзода муовини аввал ва Зӯҳро Мирзоева муовини раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон интихоб шуданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# ШАШ БОЛИ ШАШМАҚОМ



**САРОҒОЗ**

Инсонҳо аз оғоз то анҷоми зиндагӣ бо мусиқӣ иртиботи қавӣ доранд. Гузаштагони мо низ аз аввалинҳое ҳастанд, ки мусиқиро кашф карданд ва аҳамияти онро дар рӯҳу равони худ шинохтанд. Мусиқӣ дар рӯзи шодӣ, мотам ва ҷанг ёру ёварашон буд. Сурурашонро мусиқӣ ифода мекард, дардашонро таскин мебахшид, эҳсоси қаҳрамониашонро бармеангехт ва дар ҷанг бар душманон ғолиб меомаданд. Аз ин ҷост, ки мо наметавонем мусиқиро аз ҳаёти худ ҷудо созем ва онро амали беҳуда ва зиёновар муаррифӣ намоем. Ҳамин кофист, ки донем мусиқӣ фаъолияти мағзро беҳтар месозад, изтиробро кам мекунад, ҳофизаро тақвият мебахшад, рӯҳу равонро менавозад, дар вуҷуди инсон лаззати шодеро тавлид менамояд.

**ШАШМАҚОМ ПАЙҒОМИ КАЙҲОНИСТ**

Шашмақом мусиқии классикии мардуми тоҷик аст, ки пеш аз солшумории мелодӣ дар ҳар шакле миёни ниёкони мутамаддини мо рушд кардаю ниҳоят дар Бухоро равнақи тоза ёфта, бо навоҳои дилошӯб ва таронаҳои марғуб машҳур гашт. Имрӯз дар Тоҷикистон Шашмақом ҷойгоҳи вежа дошта, дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ансамблҳои мақомсароён фаъолият доранд. Аммо ин шоҳасари мусиқӣ то расидан ба даврони мо роҳи пурпечутоберо пушти сар карда, борҳо чун мазҳари «гуноҳ» мамнӯъ мегардад. Бо вуҷуди ин, хунёгарон онро зинда нигоҳ медоранд ва то рӯзгори мо меоранд.

***

**Бухоро. Қасри шоҳ**

- Амирам! – даст пеши бар таъзим кард қозикалон, - мусиқӣ амали шайтонист. Мақомсароён ёри шайтонанд. Онҳо мардумро гумроҳ карда, аз роҳ мебароранд. Танҳо шумо метавонед пеши пайравони иблисро бигиред.

- Дар ин бора муфтии аъзам чӣ назар доранд? – рӯ ба муфтӣ овард амир.

- Назари ман назари шариат аст, агар пеши роҳи мусиқинавозону овозхонҳоро нагирем, ғазаби Худо меояду балои азимеро ба Бухоро меорад.

Аҳли дарбор сар ҷунбонда, суханони қозикалону муфтиро тасдиқ мекарданд. Амир рӯи тахт нишаста, ба дарбориёнаш, ки мунтазири сухани ӯ буданд, рӯ овард:

- Фармон медиҳам, ки дигар мусулмоне дар қаламрави давлати Бухоро ҳаққи мусиқӣ навохтан, овоз хондан ва рақсиданро надорад. Агар касе ин корҳоро анҷом медиҳад, кушта мешавад!

Ҳамон рӯз фармони амирро дар Бухоро ҷорчиён ба мардум расонданд. Ҳафтае баъд пеш аз намози зуҳр дар майдони Арк садои навҳаи одамон баланд шуд.

- Он ҷо чӣ гап аст?! – пурсид амир.

- Тобути Шашмақомро овардаанд.

- Тобути Шашмақом, - пичиррос зад амир ва ба ходими хоси худ дастур дод:

- Бирав, бигӯ, ки Шашмақомро чуқуртар гӯронанд, то ному нишонаш аз дунё гум шавад.

Бо шунидани ин сухани амир фарёд аз дили муғанниён берун омад.

- Шашмақомро не, маро гӯронед, – нолид Хоҷа Мираки Чангии Бухороӣ.

- Маро ҳам мисли Шашмақом зинда ба хок андозед, – баланд шуд овози Мулло Бобои Қамчин.

- Шашмақом намемирад, он пайғоми кайҳонист, умри ҷовидон дорад, - овоз баланд кард Алишоҳи Хушнаво. Аммо садои онон ба гӯши амир нарасид.

Қатли хунёгарон боис шуд, ки садои навоҳои дилошӯбу таронаҳои марғуб дар аморат хомӯш шавад. Мақомсароёни ҷигархун бечораю бепушту паноҳ буданд. Аммо мардумони ғайримусалмони Бухоро иҷозат доштанд, дар хонаҳояшон навозанду бихонанд. Яҳудиён Шашмақомро ворисӣ карданд, дар он замони ҳассос онро чун гавҳараки чашм ҳифз карда, боз ба соҳибони аслиаш баргардонданд.

Дар Тоҷикистон марҳилаи нави рушди Шашмақом оғоз шуд. Охири солҳои 40-уми асри XX бо ташаббусу роҳнамоии устодон Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров қарори дахлдор барои сабт ва гирдоварии Шашмақом ба тасвиб расид. Барои анҷоми ин кор устодони мусиқӣ Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов муваззаф шуданд. Ҳамин тавр, солҳои 1950-1967 дар Москва шакли комили академии Шашмақом дар панҷ ҷилд нашр шуд.

Соли 1979 дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода кафедраи мусиқии халқҳои Шарқ таъсис ёфт, ки дар он аввалин бор таълими Шашмақом аз нуқтаи назари илмӣ ба роҳ монда шуд. Соли 2000-ум панҷоҳсолагии таъсисёбии Ансамбли «Шашмақом» дар Тоҷикистон таҷлил гардид ва ба ин муносибат бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он мақоми давлатӣ дода шуд ва он минбаъд Ансамбли давлатии «Шашмақом»-и ба номи Фазлиддин Шаҳобов номгузорӣ гардид.

Дар Тоҷикистон аз соли 2002 рӯзи 12 май ҳамчун Рӯзи Шашмақом ҷашн гирифта мешавад.

**ШАШ РАВЗАНАИ ИШҚ**

Шашмақом аз шаш мақом иборат аст: «Рост», «Наво», «Бузург», «Дугоҳ», «Сегоҳ» ва «Ироқ». Аммо Кавкабии Бухороӣ дар асари мусиқии худ «Султония» дар бораи дувоздаҳ мақом маълумоти ҷолиб меорад, ки исмҳояшон чунин аст: «Ушоқ», «Наво», «Бӯсалик», «Рост», «Ироқ», «Исфаҳон», «Зерафкан», «Бузург», «Зангӯла», «Раҳовӣ», «Ҳусайнӣ» ва «Ҳиҷоз».

Мувофиқи таълимоти мусиқишиносони куҳан, навозишу овозхонии мақомҳо замону макони хосро тақозо менамуд ва устодон ҳар як сурудро дар ҷои худ мехонданд.

Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома», дар боби «Хунёгарӣ», таъкид мекунад, ки мутриб бояд дар мусиқинавозӣ ва овозхонӣ чор фаслро ба назар бигирад. Ин фаслҳо баҳор, хазон (тирамоҳ), зимистон ва тобистон аст. Ӯ навиштааст: «Ва ҳар суруде дар маънии дигар гӯй. Шеъру ғазал бисёр ёд гир дар фироқу висол, маломату итоб, вафою ҷафо ва эҳсону ато. (Сурудҳо) ҳолатҳое, вақте, фасле доранд, чун сурудҳои баҳорӣ, хазонӣ, зимистонӣ ва тобистонӣ. Бояд бидонӣ, ки ба ҳар вақт чӣ бояд гуфт. Набояд, ки андар баҳор хазонӣ ва дар хазон баҳорӣ гӯӣ».

Таъкид кардани ин нукта шояд зарурат дорад. Дар замони мо баъзан сарояндагоне пайдо мешаванд, ки мегӯянд ман шеъру оҳанги худамро месароям ва ниёз ба шоиру оҳангсози дигаре надорам. Кайковус ба ин гуна сарояндагон гуфтааст: «Агар хунёгар бошию шоирӣ низ бидонӣ, ошиқи шеъри хеш мабош ва ҳама ривоят аз шеъри хеш макун, ки чунонки туро бо шеъри худ хуш бувад, магар он қавмро нек набошад, ки хунёгарон ровиёни шоиронанд, на ровии шеъри хеш».

Кавкабии Бухороӣ дар рисолаи «Дувоздаҳ мақом»-и хеш дар кадом замон хондани ин ё он мақомро мушаххас мекунад. Агар Унсурулмаолии Кайковус чор фаслро ба назар гирифта бошад, Кавкабӣ чун хунёгар ва ситорашинос соатҳои рӯзу шабро ба таври аниқ таъин намуд: «Дар аввали субҳ «Раҳовӣ», чун офтоб барояд, «Ушоқ» ва баъд аз он то чошт «Рост» ва дар чошт «Ироқ» ва чун завол бигзарад, «Бузург» ва дар намози дигар «Бусалик», наздики шом «Зангӯла», намози шом «Наво», намози хуфтан «Зерафкан» ва пас аз соате «Исфаҳон»-у ними шаб «Ҳиҷоз».

Агар ҳар мақоме дар замони худ навохта шавад, таъсири он ба рӯҳу равони одамон бештар мегардад. Масалан, ривоят мекунанд, ки Борбад ба ҳар рӯзи сол оҳанге хос эҷод карда, дар ҳар ҷашн оҳангҳое мувофиқ сохтаю месурудааст.

Таълими илми мусиқӣ ва санъати овозхонӣ дар гузашта ба тариқи устодию шогирдӣ идома меёфт ва як силсилаи бузургро ба вуҷуд оварда буд. Шогирдон на танҳо мубаллиғони илму ҳунари устодон ба ҳисоб мерафтанд, балки асбоби мусиқие, ки аз муаллими худ ба ёдгор мегирифтанд, чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекарданд. Ҳунар ҳамин гуна пос дошта мешуд ва аз насл ба насл мегузашт.

Санъатшинос Абубакр Зубайдов дар мақолаи «Назаре ба таърихи Шашмақом» барҳақ навиштааст, ки дар ҳар суруду наво ва оҳангу таронаҳои ин шоҳасари мусиқӣ рӯҳи тавонои ниёгони бузурги мо Борбади Марвазӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Иброҳими Мавсилӣ, Котибии Хоразмӣ, Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Сафиуддини Урмавӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Кавкабии Бухороию Дарвешалии Чангӣ ва ҳазорони дигар нуҳуфта аст. Ғазалҳои нобу каломи мавзуни шоирони бузурги мо Рӯдакию Низомӣ, Хусраву Мавлавӣ, Саъдию Ҳофиз, Камолу Ҷомӣ, Ҳилолию Бедил, Соибу Сайидо, Ҳайрату Шоҳин ва дигарон бо силсиланавоҳои он чун ҷону тан ба ҳам пайвастаанд.

Шашмақом шаш бол аст, ки аз шаш равзанаи ишқ ба парвоз меояд. Ин санъати асил ҳоло дар мақоми давлатӣ нишастаю ба инсонҳо ғизои маънавӣ мебахшад. Насли куҳану нави хунёгароне чун Ҷӯрабек Набиев, Мастона Эргашева, Шамсиддин Муҳиддинов, Фурқати Саид, Абдувалӣ Абдурашидов, Сабоҳат Наҷмиддинова, Хуршед Иброҳимов, Ситораи Кароматулло... барои боз ҳам равнақ ёфтани Шашмақом кору зиндагӣ мекунанд.

**Мутриби ишқ аҷаб созу**
**навое дорад,**
**Нақши ҳар парда, ки зад,**
**роҳ ба ҷое дорад.**

**ВОРИС, «Садои мардум»**

# ПАДАРИ МАН

**Падарам Султонов Исо моҳи июли соли 1942, яке аз аввалинҳо шуда аз деҳаамон ба ҷанг рафт. Дар китоби «Роҳи ғалаба», ки роҷеъ ба иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ навишта шудааст, дар борааш маълумоти зиёд ҳаст. Ман ёд дорам, падарам он солҳои мудҳишро бароям нақл мекард. Мегуфт, ки дар фронти дуюми Белоруссия хизмат кардам. Баъд аз курсҳои кӯтоҳмуддати ҳаштмоҳа бори аввал дар ҳавопаймои ҳарбӣ нишастааст. Ҳамин тавр, то соли 1945 бо ҳавопаймоҳои ҳарбӣ бар зидди истилогарони фашистӣ ҷангидааст.**



9 май ҳамеша падарамро ба ноҳияи Кӯшониён, ки мо ҳоло ҳам он ҷо зиндагӣ мекунем, ба паради ҳарбӣ даъват менамуданд. Маро, ки писари калонии оила будам, ҳамеша бо худашон мебурданд.

Падарам ҳамчун шахси ҳарбӣ мӯзаҳои калони ялаққосӣ мепӯшид. Дар сараш кулоҳи ҳарбии қароқулӣ дошт. Марди қоматбаланди зебое буд.

Баъд аз ҷанг дар ҷамоати деҳоти «Заргар»-и ҳозира ва хоҷагии ҳамонвақтаи ба номи Даврон Нуриддинов сармуҳосиб шуда кор кард. Мо - шаш фарзандро дар мактабҳои олии Тоҷикистон ва Россия хононда, соҳиби маълумоти олӣ кард. Падарам ба хондани китобҳои бадеӣ шавқи беандоза дошт. «Шоҳнома»-и Фирдавсию ғазалиёти Ҳофиз, «Маснавии маънавӣ»-и Балхиро азёд медонист. Донандаи хуби хати форсӣ буд.

Дар синни 85 аз дунё гузашт. Пеш аз маргаш дастамро оҳиста дошта гуфт: «Аз мурданам зиқ нашавед. Умри хубу дарозу пурбаракате дидам. Ҳангоми ҷанг орзу мекардам боз якбори дигар ба Ватан баргардаму хоки меҳанро бӯсам. Ба орзуям расидам. Писарам, бародарону хоҳаронатро соҳиб шав…».

9 май, ки Рӯзи Ғалаба бар фашизм аст, хостам бори дигар рӯҳи падарамро шод гардонам. Бигузор, дар баробари дигар иштирокчиёни ин ҷанги шум, ки ҷони худро баҳри ҳимояи меҳан фидо кардаанд, ҷояшон ҳамеша биҳишти абадӣ бошад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**рӯзноманигор**

**Ҳар гоҳе дар бораи қаҳрамониву диловарии тоҷикистониён дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ маълумоте ба даст меорем, офарин мегӯем. Ҷавонписарони тоҷик диловарии бемислу монанд нишон дода, беш аз 100 ҳазор нафарашон қаҳрамонона ҳалок гардидаанд.**

Фиристодагони Тоҷикистон дар задухӯрдҳои шадид баҳри озоднамоии Қалъаи Брест, ҳимояи шаҳри Москва, муҳорибаҳои Сталинград, Курск ва Орёл, ки калонтарин муҳорибаҳо ва тақдирсоз ба ҳисоб мерафтанд, қаҳрамонӣ нишон дода, 64 нафари онҳо унвони Қаҳрамони Иттифоқи Шуравиро соҳиб гардидаанд. Дар набардҳо барои гузаштан аз дарёи Днепр низ саҳми фиристодагони Тоҷикистон назаррас буд.

# ОН ҶАНГРО ДАР ТАЪРИХ ҲАМТО НАБУД...

Фарзандони Тоҷикистон, ҳамчунин, дар муҳорибаҳои назди Балтика, шаҳри Ленинград ва Волохов шуҷоат нишон дода, дар муборизаҳо барои озод намудани Латвия, Полша, Чехословакия, Украина ва Берлин ҷоннисорӣ кардаанд.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фиристодагони Тоҷикистон дар ҳамаи фронтҳо мардонагӣ нишон дода, дар ғалаба бар фашизм ҳиссаи арзандаи худро гузоштаанд.

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ даҳшатноктарин ҷанг дар таърихи олам буда, амалиёти ҳарбӣ зиёда аз 40 давлати ҷаҳонро фаро гирифта буд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар ин ҷанг беш аз 110 миллион аскарону сарбозон сафарбар шуда, зиёда аз 30 фисади онҳо ба ҳалокат расиданд. Дар он садҳо миллион нафар ба азобу машаққат гирифтор шуданд.

Башарият дар тӯли таърих чунин ҷанги хонумонсӯз ва фоҷиаи мудҳишро аз сар нагузаронидааст. Ба қавли шоир, «Он ҷангро дар таърих ҳамто набуд...».

Гарчанде Тоҷикистон аз хати ҷабҳа дур буд, дар он солҳо вобаста ба эҳтиёҷоти ҷанг вазифаҳои худро дошт. Махсусан, ҷойгиршавии муҳоҷирон, муолиҷаи сарбозони маҷруҳу маъюб дар ҷои аввал меистод.

Дар он солҳо зиёда аз 102 ҳазор коргар, колхозчӣ ва зиёиёни ҷумҳурӣ барои корнамоиҳояшон дар ақибгоҳ бо ордену медалҳои давлатӣ мукофотонида шудаанд. Ин гувоҳи он аст, ки корнамоии мардум дар ақибгоҳ аз қаҳрамонии аскарону афсарон дар фронт тафовути кам доштааст.

Дар он замон кишоварзони ҷумҳурӣ дар таъмин намудани корхонаҳои саноатӣ бо маҳсулоти стратегӣ-пахтаву пилла ва афзун гардонидани истеҳсоли ғаллаю маҳсулоти чорво саҳми бориз гузоштанд.

Дар соҳаи кишоварзӣ низ, чун соҳаи саноат, қувваи асосии кориро занҳо, мӯйсафедон ва ҷавонон ташкил дода, кор соати муайян надошт.

Дар он солҳо мардуми ҷумҳурӣ аз ҳисоби худ ба фронт либоси гарм, меваҳои хушк, ғалла ва ғайраро фиристоданд. Сокинон ҳатто пасандоз, ҷавоҳирот ва дигар ашёи қиматбаҳои хешро барои фронт бо нияти ғалаба бахшиданд.

Бо назардошти қаҳрамониҳои бемисли иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ 9-уми май ҳамчун рӯзи пирӯзии сулҳ бар ҷанг, некӣ бар бадӣ ва яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои таърихи башарият таҷлил мегардад. Мардуми шарифи кишвари мо, ки дар баробари дигар миллатҳо имтиҳони сангин ва фоҷиабори солҳои 1941-1945-ро аз сар гузаронд. Рӯзи Ғалабаро ҳамчун як пораи сарнавишт ва намунаи барҷастаи корнамоиҳои падарону бобоёни худ гиромӣ медорад.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА,**
**«Садои мардум»**

# САБАҚИ ЗИНДАГӢ ВА ДАСТУРИ АМАЛ

**Субҳи 22-юми июни соли 1941 Германияи фашистӣ аҳдшиканона ба хоки Иттиҳоди Шуравӣ ҳуҷум кард. Мехост дар ду моҳ бо қувваи беш 5,5 миллион аскар, 190 дивизия, 3712 танк, 4950 тайёраи ҷангӣ, 47260 тӯп ва минамиёт қӯшунҳои шуравиро шикаст диҳад, вале муттаҳидӣ ва дӯстиву бародарии халқҳои шуравӣ нияти нопоки онҳоро барбод дод. Ин ҷанги хонумонсӯз, ки дар таърихи башарият даҳшатноктарин эътироф шудааст, беш аз 1418 шабонарӯз идома ёфта, ҷони 26 миллион шаҳрвандони собиқ Иттиҳоди Шуравиро рабуд. Дар он солҳо 1710 шаҳру шаҳрак, 70 ҳазор русто, 6 миллион бино, 32 ҳазор корхонаи саноатӣ, 40 ҳазор шифохонаву муассисаҳои тиббӣ, 84 ҳазор муассисаи таълимӣ ва пажӯҳишгоҳ дар қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ нобуд шуд. 4100 истгоҳи роҳи оҳан ва 65 ҳазор километр роҳи оҳан, 14 ҳазор пули қаторагузар валангор шуд. 63 миллион сар ҳайвони калону хурди шохдор ба Германия фиристода шуд.**

Дар радифи шаҳрвандони 15 кишвари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ 300 ҳазор сокинони Тоҷикистон ихтиёран ба фронт рафта, барои ғалаба зидди фашизм мубориза бурданд. Аз ин шумора беш аз 100 ҳазор нафар ҷони худро аз даст доданд. Дар ақибгоҳ меҳнаткашони Тоҷикистон бо корнамоиҳои худ дар таъмини ғалаба саҳми муносиб гузоштанд. Он солҳо кор дар корхонаҳои саноатӣ, хусусан комбинати абрешими Ленинобод (ҳоло Суғд), фабрикаи бофандагии «Красний ткач» ва дигар коргоҳҳо бо шиори «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои Ғалаба» фаъолият доштанд. Сокинони ватандӯст имконияти худро барои дастгирии Армияи Шуравӣ ва




аскарон дареғ намедоштанд.

Ҳарчанд ҷанг фарсаххо аз Тоҷикистон дур буд, вале ҷавонмардони ин сарзамин бо ғурури баланди миллӣ довталабона ба ҷанг рафта, дар корзор бо корнамоиҳои беназири худ бори дигар ба ҷаҳониён насли Рустами Достон буданашонро нишон доданд. Боиси ифтихор аст, ки барои ҷасорат ва шуҷоат зидди фашизм 56 ҳазор тоҷикистониён бо ордену медал сарфароз шуда, 54 нафар Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ гашта, 15 нафар ба гирифтани се дараҷаи ордени «Шараф» комёб шуданд. Неъмат Қарабоев, Ҳодӣ Кенҷаев, Тӯйчӣ Эрҷигитов, Сафар Амиршоев, Исмат Шарифов, Исмоил Ҳамзаалиев, Эргаш Шарифов, Чӯтак Урозов, В. И. Бояркин аз ҳамон зумра мебошанд. Ҷонфидоиҳои ин мардони далер ҳеҷ гоҳ аз хотираи таърих ва мардум зудуда нахоҳад шуд.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Омӯхтани таҷрибаи зиндагӣ ва корнамоиву фаъолияти собиқадорони ҷангу меҳнат ва истифодаи маслиҳату рӯзгори ибратомӯзи онҳо ба наслҳои имрӯзу фардои Ватани азизамон дар роҳи ҳифзи истиқлолу озодӣ, ҳимояи марзу буми он ва манфиатҳои милливу давлатӣ дастури зиндаи амал ва сабақи зиндагӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мо бояд саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро ба таври зарурӣ омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ба таври доимӣ ташвиқ намоем».

Ҳоло дар баробари ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату бесаробон иштирокчиёни ҷангу меҳнат низ аз ғамхорӣ бархӯрдоранд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳи зиёд доранд ва таъкид менамоянд, ки огоҳ будан аз рӯзгор ва таъмини зиндагии босаодати онҳо вазифаи ҷонии ҳар як роҳбар ва афроди ҳимматбаланд мебошад.

Ҷашн гирифтани Рӯзи Ғалаба ва пос доштани номи онҳое, ки ба хотири рӯзгори орому осуда ҷонбозӣ намудаанд, қарзи ҳар яки мо мебошад. Ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 9-уми май рӯзи шодию нишот ва санаи ёдбуди онҳоест, ки барои озодии халқҳо ҷони худро нисор кардаанд.

Мо назди рӯҳи шаҳидони роҳи озодии Ватан, қаҳрамонии падарон, ки баҳри пирӯзии некӣ бар бадӣ ва таъмини хушбахтию оромии аҳли башар ҷон нисор кардаанд, сари таъзим фуруд меорем. Хотираи онҳоро пос медорему эҳтироми собиқадорони ҷанг ва оилаҳои шаҳидони ҷангро ҳамеша ба ҷо меорем.

**Х. САФАРЗОДА,**
**дотсенти кафедраи фанҳои бехатарӣ аз сӯхтори Коллеҷи оташнишонӣ-техникии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ноҳияи Данғара,**
**Қ. РАҲМАТЗОДА,**
**омӯзгори коллеҷи мазкур, лейтенанти хизмати дохилӣ**

# ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТАШ МАҲДУДИ ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ «ИТМИНОН»

## Ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст

*Аудитор ҶДММ*
*Ширкати машварати - аудитори*
*«О Р И Ё Н»*

*Субъекти аудит*
*ҶДММ ТС «Итминон»*
*давраи соли 2023*

=======================================================================

### Ҳисоботи аудитори мустақил

**Ба муассисони ҶДММ ТС «Итминон»**

Мо аудити ҳисобот оид ба ҳолати молиявии пешниҳодшудаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти суғуртавии «Итминон» (минбаъд – Ташкилот)-ро воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Пушкин 32, хонаи 1, ки иборат аз ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ (тавозуни муҳосибавӣ) ба ҳолати 31 – уми декабри соли 2023, ҳисобот оид ба фоида ва зарар, ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ ва ҳисобот оид ба тағйирёбии сармояи худӣ барои соли молиявие, ки дар санаи қайдшуда ба анҷом мерасад, гузаронидем.

**Ақидаи аудитор:**

Ба ақидаи мо, ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ (ба хулосаи мазкур замимашаванда), ахбороти иқтисодиро дар бораи захираҳои корхона (дороиҳо), изҳори даъво ба захираҳо (уҳдадориҳо) ба ҳиссае, ки ба соҳибмулк тааллуқ дорад (сармояи худӣ), пурра дар бар мегирад.

Ҳисоботи молиявӣ (муҳосибӣ) боэътимод буда, дорои маълумотҳое мебошанд, ки барои ташкил ва пешниҳод намудани ҳолати молиявии дақиқ ва пурра, натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ва тағйирёбии ҳолати молиявии корхона ва гардиши воситаҳои пулӣ заруранд.

Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ мутобиқи СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» бо тартибе таҳия шудааст, ки дар ошкор намудани маълумотҳо оиди воситаҳои корхона ва сарчашмаи пайдошавии онҳо дар доираи моддаҳои дороиҳо ва уҳдадориҳо, инчунин муқоиса намудани маълумотҳои давраи ҳисоботӣ бо маълумотҳои давраи гузашта ифода меёбад. Маълумотҳои иловагие, ки мундариҷаи ин моддаҳоро ошкор месозанд, мутобиқи талаботи стандартҳо дар шарҳу эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ дарҷ карда мешаванд.

***Асос барои изҳори ақида:***

Мо аудитро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва Низомнома «Оиди тартиби бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инҷунин мувофиқи стандартҳои байналмилалии аудит (минбаъд “СБА”) ва дигар санаду қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидем.

Уҳдадориҳои мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисмати «Масъулияти аудиторон» тавсиф карда шудаанд. Мувофиқи Кодекси этикии ҳисобдорони касбӣ, ки аз ҷониби Шурои стандартҳои байналмилалии этикӣ, барои ҳисобдорон таҳия шудааст, мо ягон алоқамандӣ бо Ташкилот надорем ва ҳамчунин аз ҷониби мо қоидаҳои дигари этикӣ, мувофиқи стандартҳои дар боло овардашуда риоя

*Аудитор ҶДММ*
*Ширкати машварати - аудитори*
*«О Р И Ё Н»*

*Субъекти аудит*
*ҶДММ ТС «Итминон»*
*давраи соли 2023*

=======================================================================

гардидаанд. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст овардашуда ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд.

**Масъулияти роҳбарият барои тайёр намудани ҳисоботҳои молиявӣ**

Ҷавобгарӣ барои эътимоднок, аз рӯи шакли муқарраршуда, тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, мутобиқ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» тайёр намудан, ба пуррагӣ ва дуруст пешниҳод намудани ҳисобот ба зиммаи роҳбарияти ҶДММ ТС «Итминон» вогузор шудааст.

Масъулияти мазкур дар бар мегирад ворид намудану дастгирии системаи назорати дохилӣ, оид ба тайёр намудан ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ, дорои таҳрифи қатъие, ки дар натиҷа суистеъмолкуни ва иштибоҳҳои ба ҳисоботи молиявӣ таъсиррасонанда намебошад. Ҳамчунин барои интихоб ва истифодабарии сиёсати баҳисобгирии лозима ва истифодаи ҳолатҳои асосноки баҳодиҳии баҳисобгирӣ аст.

**Масъулияти аудиторон барои аудити молиявӣ.**

Мо уҳдадор ҳастем, ки изҳори фикру ақидаҳои ҳудро оид ба дурустии ҳисоботи мазкури молиявӣ дар асоси аудити гузаронидашуда, баён намоем. Мо аудитро мувофиқи Стандартҳои байналмилалии фаъолияти аудиторӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидем. Стандартҳои фаъолияти аудиторӣ, талаботи ягонаи тартиби амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ, ба расмият даровардани натиҷаҳо ва назорати сифатноки аудит буда, аз мо талаб менамоянд, ки меъёрҳои одоби гузаронидани аудитро риоя намуда, ҳамчунин банақшагирӣ ва гузаронидани санҷиши аудиториро бо мақсади боварии комил пайдо кардан, оид ба вуҷуд надоштани таҳрифҳои қатъӣ дар ҳисоботи молиявӣ, амалӣ намоем.

Аудит дорои истифодаи талаботҳои мавҷудбуда, барои ба даст овардани тасдиқи далелҳои аудиторӣ нисбати рақамҳои нишондодашуда ва тавзеҳот, ба ҳисоботи молиявӣ истифода бурда мешавад. Интихоби амалиётҳои тартиботи мавҷудбуда, аз рӯи афкори касбии аудитор асос ёфта, ҳамчунин баҳодиҳии хавфи вуҷуд доштани таҳрифҳои қатъӣ дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷа ба хатогиҳо роҳ додан ё худ суистеъмол кардан ба вуҷуд меоянд, вобаста ва асоснок карда мешавад.

Баҳодиҳии тавакалии чунин хавфҳо, дида баромадани системаи назорати дохилӣ нисбати тайёр ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии аслӣ, бо мақсади дида баромадани аудит, дар асоси тартиботи мавҷуда, ки дар ҳолатҳои мазкур истифода бурда мешаванд, на ба мақсади иброз намудани фикру андеша оид ба самаранокии системаи назорати дохилӣ, балки бо мақсади таҳияи дурусти системаи назорати дохила мебошад.

*Аудитор ҶДММ*
*Ширкати машварати - аудитори*
*«О Р И Ё Н»*

*Субъекти аудит*
*ҶДММ ТС «Итминон»*
*давраи соли 2023*

=======================================================================

Аудит таҳлили принсипҳои баҳисобгирӣ муҳосибӣ, ҳисоботи муҳосибави ва моҳиятнокии баҳодиҳиро, ки аз ҷониби роҳбарият омода шудааст ва ҳамчунин баҳодиҳии умумии ҳисоботи молиявиро дорост.

Мо бо роҳбарияти Ташкилот тамос гирифта, ба диққати онҳо, аз ҷумла маълумот дар бораи ҳаҷм ва муҳлатҳои ба нақша гирифташудаи аудит, инчунин шарҳҳои назаррас оид ба натиҷаҳои аудит, аз ҷумла камбудиҳои назарраси системаи назорати дохилӣ, ки дар рафти аудит муайян мекунем, мерасонем.

Мо инчунин ба роҳбарияти Ташкилот изҳорот медиҳем, ки мо тамоми талаботи ахлоқии дахлдорро оид ба мустақилият риоя кардем ва роҳбариятро дар бораи ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳое, ки метавонанд ба таври оқилона ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд, огоҳ кардаем.

Мо нисбат ба маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ташкилоти суғуртавӣ ягон расмиёт анҷом надодем, ба истиснои расмиёти зарурӣ, ки мо барои изҳори ақида оид ба эътимоднокии ҳисоботи солонаи муҳосибӣ (молиявӣ) ташкилоти суғуртавӣ зарур мешуморем.

12 апрели соли 2023

*Ғафурзода С. Х. Директор*
*ҶДММ «ШМА Ориён».*

### Ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ ба 31 –уми декабри соли 2023

(ҳазор сомонӣ)

| Дороиҳо (Активы) | Эзоҳ | Ба ҳолати 31.12.2023 | Ба ҳолати 31.12.2022 |
|---|---|---|---|
| Воситаҳо пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | 4.1 | 246,20 | 387,85 |
| Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат | 4.2 | 0,00 | 0,00 |
| Амонатҳои гузошташуда дар бонкҳо | 4,2 | 2 579,21 | 1 873,28 |
| Қарзҳои додашуда ва дигар қарзҳои дебиторӣ | | 0,00 | 0,00 |
| Қарзҳои дебитории амалиётҳои суғуртавӣ | | 210,69 | 9,15 |
| Ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираи мукофоти даромад эътирофнашуда | 4.3 | 10,26 | 66,79 |
| Ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираҳои зарар | 4.3 | 4,80 | 1,33 |
| Андозҳои пешпардохтшуда | 4.5 | 136,50 | 128,94 |
| Дигар активҳои ҷорӣ | 4.4 | 752,07 | 883,29 |
| Арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ | 4.6 | 36,37 | 40,79 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | | 4,93 | 5,75 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **3 981,03** | **3 397,17** |
| **Уҳдадориҳо** | | | |
| Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ | 4.7 | 10,02 | 41,79 |
| Уҳдадориҳои ҳисобкардашуда | 4.7 | 71,46 | 8,78 |
| Уҳдадориҳои андозҳои ҷорӣ | 4.8 | 0,00 | 0,00 |
| Захираҳо барои хароҷот ва пардохтҳои рухсатӣ | | | |
| Уҳдадориҳои суғуртавӣ | 4,8 | 39,89 | 0,00 |
| Уҳдадориҳои дарозмудати суғуртавӣ | 4.9 | 766,72 | 827,73 |
| **Ҷамъ уҳдадориҳо** | | **888,09** | **878,30** |
| **Сармоя** | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 4.9 | 2 000,00 | 2 000,00 |
| Сармояи иловагӣ | 4.9 | 380,33 | 380,34 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 4.9 | 712,61 | 138,53 |
| **Ҷамъ сармояи худӣ** | | **3 092,94** | **2 518,87** |
| **Ҳамагӣ уҳдадориҳо ва сармоя** | | **3 981,03** | **3 397,17** |

Тасдиқ шуда ва ба имзо расонида шудааст 31.03.2024

Эсоев И.Т. директор

Давлятова Т. В. Сармуҳосиб

### Ҳисобот оид ба фоида ва зарар барои соле, ки 31 –уми декабри соли 2023 анҷом меёбад

(ҳазор сомонӣ)

| | Эзоҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромад аз фаъолияти суғуртавӣ | 5.1 | 1395,34 | **1070,39** |
| Хароҷотҳои фаъолияти суғуртавӣ | 5.2 | (256,05) | **(131,92)** |
| Хароҷотҳои маъмурӣ | 5.3 | (725,87) | **(663,31)** |
| **Фоида (зарар) аз фаъолияти суғуртавӣ** | | **413,42** | **275,16** |
| Даромади фоизҳо (соли 2023) | 5.4 | 197,10 | 9,35 |
| Ҷамъи даромад аз қурби асъор | 5.4 | 104,28 | 267,70 |
| Ҷамъи зарар аз қурби асъор | 5.4 | (1,77) | (413,68) |
| Зарар (даромад) аз табдилдиҳии асъор | 5.4 | (0,42) | 0,00 |
| **Даромад (зарар) аз фаъолияти ғайриамалиётӣ** | 5.4 | **299,19** | **(136,63)** |
| **Фоида то андозбандӣ** | | **712,61** | **138,53** |
| Андоз аз фоида | | (128,27) | (24,94) |
| **Фоидаи соф** | | **584,34** | **113,60** |

Тасдиқ шуда ва ба имзо расонида шудааст 31.03.2024

Эсоев И.Т. директор

Давлятова Т. В. Сармуҳосиб

### Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки 31 –уми декабри соли 2023 анҷом меёбад

| Моддаҳо | Эзоҳ | 2023 |
|---|---|---|
| **Воридоти маблағҳои пули** | | |
| Даромади мукофотҳои суғуртавӣ | | 1788,38 |
| Дигар даромадҳо | 6,1 | 0,00 |
| **Ҷамъи даромад** | 6.1 | **1788,38** |
| **Содироти маблағҳои пулӣ** | | |
| Пардохти музди меҳнат ва андози иҷтимоӣ | | 426,22 |
| Пардохти андози фоида | 6.2 | 23,26 |
| Пардохти дигар андозҳо | 6.2 | 154,80 |
| Дигар пардохтҳои амалиётӣ | 6.2 | 908,34 |
| **Ҷамъи содирот** | 6.3 | 1512,62 |
| Ҳолати маблағҳои пулӣ | | **275,76** |
| **Дохилшавии маблағ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | 716,13 |
| **Хориҷшавии маблағ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | 6.4 | 1163,97 |
| Ҳолати маблағҳои пулӣ аз сармоягузорӣ | 6.4 | **(447,84)** |
| **Дохилшавии маблағ аз фаъолияти молиявӣ** | | 115,93 |
| **Хориҷшавии маблағ аз фаъолияти молиявӣ** | **6.5** | 99,92 |
| Ҳолати маблағҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ | **6.5** | **16,01** |
| Тақсимоти фоида ва зарар аз рӯи фарқияти қурбӣ | | **14,43** |
| Тағирёбии софи воситаҳои пулӣ | 6.6 | (141,64) |
| **Маблағҳои пулӣ ба аввали давраи ҳисоботӣ** | | 387,84 |
| **Маблағҳои пулӣ ба охири давраи ҳисоботӣ** | | 246,20 |

Тасдиқ шуда ва ба имзо расонида шудааст 31.03.2024

Эсоев И.Т. директор

Давлятова Т. В. Сармуҳосиб

### Ҳисобот оид ба тағйирёбии сармояи худӣ барои соле, ки 31 –уми декабри соли 2023 анҷом меёбад

(ҳазор сомонӣ)

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Сармояи гузошташуда | Сармояи Захиравӣ | Фоидаи тақсим-нашуда | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 01.01.2023** | **2 000,00** | **380,34** | **138,53** | **2 518,87** |
| Фоидаи (зарари) софи давраи ҳисоботӣ | 0,00 | 0,00 | 712,61 | 712,61 |
| Тағйирёбӣ дар сиёсати баҳисобгирӣ | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| Тасҳеҳи сармояи захиравӣ | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| Дивиденд | 0,00 | 0,00 | (138,53) | (138,53) |
| Тағйирот дар захираҳо | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 0,00 |
| **Бақия ба 31.12.2023** | **2 000,00** | **380,34** | **712,61** | **3 092,94** |

Тасдиқ шудааст ва ба имзо расонида шудааст 31.03.2024

Эсоев И. Т. директор

Давлятова Т. В. Сармуҳосиб

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 422036 | Муассисаи давлатии «Мактаби бачагонаи мусиқии №1 ба номи П. И. Чайковский» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.05.2024 08:50:00 |
| 2 | 422037 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №76-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.05.2024 09:30:00 |
| 3 | 422040 | Муассисаи таълимии «Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Тошмуҳаммадов М. Д.» | Хӯрокворӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 23.05.2024 10:20:06 |
| 4 | 422047 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Варзоб | Таҷҳизот, молу ашёи таълимӣ, мактабӣ ва лавозимоти лабораторӣ | Озмуни кушод | Мол | 73 | 23.05.2024 13:35:24 |
| 5 | 422023 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | Таъмири ҷории боми бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 29.05.2024 15:10:00 |
| 6 | 422024 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №3» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 29.05.2024 16:45:58 |
| 7 | 422025 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ноҳияи Варзоб» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 29.05.2024 16:50:00 |
| 8 | 422026 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Молҳои канселярӣ, варзишӣ, барқӣ, хоҷагидорӣ, картриҷ, тоннер ва хилъати корӣ | Озмуни кушод | Мол | 74 | 29.05.2024 17:25:54 |
| 9 | 422027 | Муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятим»-и шаҳри Душанбе | Асбобу анҷоми рӯзгор ва идора, таҷҳизоти нарм | Озмуни кушод | Мол | 40 | 29.05.2024 17:28:00 |
| 10 | 422028 | Муассисаи давлатии коммуналии «Душанбенақлиётхадамотрасон»-и шаҳри Душанбе | Молҳои маишӣ, канселярӣ ва варзишӣ, қисмҳои мошинҳо, курсиҳои корӣ, таҷҳизоти мулоим ва таҷҳизоти идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 85 | 29.05.2024 17:30:00 |
| 11 | 422030 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и ВМКБ | Шағалпӯшкунонии роҳи автомобилгарди ҷумҳуриявии Хоруғ-Ишкошим аз км 16 то км 18, аз км 29 то км 31 | Озмуни кушод | Кор | 1 | 29.05.2024 21:10:00 |
| 12 | 422031 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгард»-и ВМКБ | Соҳилмустаҳкамкунӣ ва тахту ҳамворкунии роҳи автомобилгарди ҷумҳуриявии Хоруғ – Роштқалъа -Тукузбулоқ аз км 45 то км 47 | Озмуни кушод | Кор | 1 | 29.05.2024 21:10:00 |
| 13 | 422035 | Беморхонаи клиникавии бачагонаи вилояти Суғд | Матраси пружинӣ ва либосҳои махсус | Озмуни кушод | Мол | 4 | 03.06.2024 08:43:43 |
| 14 | 422038 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни кушод | Мол | 147 | 03.06.2024 10:00:00 |
| 15 | 422039 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ ва асбобҳои дастӣ | Озмуни кушод | Мол | 44 | 03.06.2024 10:14:00 |
| 16 | 422042 | Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии «Гимназияи №74»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 11 | 03.06.2024 10:40:43 |
| 17 | 422041 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Васл ва насби воситаҳои воқифкунанда аз сӯхтор барои таҳхона, ошёнаи 2-юм ва 3-юми Пажӯҳишгоҳи тибби бунёдии муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.06.2024 10:50:00 |
| 18 | 422043 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи президентӣ ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои хонандагони лаёқатманд»-и шаҳри Турсунзода | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 03.06.2024 10:54:04 |
| 19 | 422044 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино | Таъмири бинои асосии ошёнаи дуюм ва даромадгоҳҳои Озмоишгоҳи тибби бунёдӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.06.2024 10:55:00 |
| 20 | 422046 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯроки саг | Озмуни кушод | Мол | 1 | 03.06.2024 11:20:00 |
| 21 | 422048 | Муассисаи давлатии «Коллеҷи техникӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ | Таъмири ҷорӣ дар бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.06.2024 11:55:00 |
| 22 | 422049 | Хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Системаҳои назорат ва идоракунии дастрасӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 03.06.2024 13:30:00 |
| 23 | 422054 | Муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии «Гимназияи №74»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 03.06.2024 15:00:00 |
| 24 | 422050 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Ретранслятори рақамӣ, антеннаи ҳамаҷониба, ратсия, молҳои барқӣ, таҷҳизоти корӣ, нуриҳои органикӣ, ниҳоли садбарг, масолеҳи сохтмонӣ ва сантехникӣ | Озмуни кушод | Мол | 88 | 03.06.2024 16:46:46 |
| 25 | 422032 | Ширхоргоҳ - кӯдакистони №18-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ, молҳои хоҷагидорӣ, маводи канселярӣ, мебел ва молҳои нарм | Озмуни кушод | Мол | 31 | 03.06.2024 18:25:25 |
| 26 | 422033 | Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Суғд | Техникаи маишӣ, қолин, баннер, маводи канселярӣ, либоси варзишӣ, мол ва лавозимоти варзишӣ | Озмуни кушод | Мол | 21 | 03.06.2024 18:45:45 |
| 27 | 422034 | Муассисаи давлатии «Клуби футболи Истаравшан» дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан | Сарулибоси варзишӣ, лавозимот ва молҳои варзишӣ | Озмуни кушод | Мол | 30 | 03.06.2024 19:25:25 |
| 28 | 422045 | Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоии шаҳри Кӯлоб | Лоиҳакашии хатти оби нӯшокӣ дар кӯчаи Исмоили Сомонӣ, Ҷамоати шаҳраки Муъминободи нохияи Муъминобод | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 04.06.2024 10:54:34 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект «Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком.**

**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующих вакантных должностей:**

**Районные инженера для районов Вахш и Гиссар**

Целью задачи является надзор за ходом и качеством работ по строительству/реконструкции и реабилитации в целевом районе для обеспечения достижения основных целей проекта в соответствии с документами проекта.

**Квалификационные требования:**

- Высшее образование в области строительства (инженер-строитель, архитектор);
- Не менее 7 лет профессионального практического опыта в строительстве медицинских/образовательных учреждений со стороны заказчика и подрядчика;
- Аналогичный опыт в проектах, финансируемых международными организациями, является преимуществом;
- Сильная способность и опыт в понимании строительной документации для строительных работ (планировка, проектно-сметная документация);
- Сильные знания строительных норм и правил включая стандарты и процедуры для надзора за строительными работами;
- Знание правил и норм охраны окружающей среды и труда, техники безопасности, производственной санитарии и противопожарной зашиты и т.д.
- Отличное владение компьютерными навыками MS Office (Word, Excel);
- Отличное знание таджикском и русским языками.

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

- Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя Директора Проекта Маджиди Ю.Х. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;
- Подписанное и датированное резюме (CV) на русском и английском языках с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;
- Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;
- Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

**Крайний срок подачи документов до 28 мая 2024 г., 16:00 по местному времени.**

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан,
ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе
(Офис ГРП РРД при МФ РТ в здании МФ)
E-Mail: jobs.info@ecdp.tj
Tel: (+992) 37 221 06 91.

Главный специалист по закупкам ГРП РРД: Сайфуллоев Мусо

Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование (если собеседование запланировано) и оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ЭЪЛОН!

Иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар Суди иқтисодии шаҳри Душанбе 22-юми майи соли 2024, соати 10[00] музоядаро барои фурӯши амволи ба ҳабсгирифташуда - 4 адад компютери (системный блок HP) истифодашуда бо арзиши 2100 сомонӣ; 2 адад монитори компютери тамғаи «Хиквижон 21,5», истифодашуда, бо арзиши 350 сомонӣ; 1 адад таҷҳизоти серверӣ, тамғаи «HP ML 10e», истифодашуда, бо арзиши 4500 сомонӣ; 1 адад таҷҳизоти серверӣ, тамғаи «ThihSystem SR 630», истифодашуда, бо арзиши 4300 сомонӣ; 1 адад таҷҳизоти серверӣ, тамғаи «ThihSystem SR 630», истифодашуда, бо арзиши 2500 сомонӣ; 1 адад принтери тамғаи «МФУ HP», истифодашуда бо арзиши 1700 сомонӣ; 1 адад принтери тамғаи «Ранга», истифодашуда, бо арзиши 5800 сомонӣ; 5 адад шабакаҳои фаъол, тамғаи «CheckPoiht 3600» ва «Коммутатор», истифодашуда, бо арзиши 2650 сомонӣ; 5 адад телефони тамғаи «IP Avaya», «IP PHONE» ва «Мини АТС», истифодашуда бо арзиши 25 сомонӣ; 1 адад телефони рақамӣ, истифодашуда, бо арзиши 5500 сомонӣ; 2 адад таҷҳизоти овозии тамғаи «Polycom» истифодашуда, бо арзиши 2500 сомонӣ; 1 адад ҷевони фӯлодини (шкаф) истифодашуда, бо арзиши 1800 сомонӣ; 1 адад автомашинаи тамғаи «Toyota» ЛК Прадо, соли бароришаш-2018, рангаш сафед, бе назардошти арзиши барасмиятдарории гумрукӣ бо арзиши 305869 сомонӣ; 1 адад автомашинаи тамғаи «АУДИ Аб», соли бароришаш-2006, рангаш сиёҳ, бе назардошти арзиши барасмиятдарории гумрукӣ бо арзиши 90898 сомонӣ; 1 адад автомашинаи тамғаи «Фольксваген TRANSPORTER», соли бароришаш – 2006, рангаш хокистарранг, бе назардошти арзиши барасмиятдарории гумрукӣ бо арзиши 39633 сомонӣ баргузор менамоянд.

Пешпардохт барои иштирок дар музояда 5 фоиз аз нархи ибтидоӣ муайян гардидааст. Хоҳишмандон метавонанд барои гирифтани маълумоти иловагӣ ба иҷрочиёни Хадамоти иҷро дар Суди иқтисодии шаҳри Душанбе муроҷиат намоянд. Телефон барои тамос: 904-88-19-85.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи гумшудаи А 3475608, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ 27-уми июли соли 2004 ба Зардаков Айнидин Бозорович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0123136, ки онро Кумитаи заминсозии шаҳри Норак 4-уми апрели соли 2002 таҳти № 2066 бо суроғаи шаҳри Норак, кӯчаи Раҳим Шодӣ ба Зиёев Саттор Абдураҳмонович додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Садоқат» (РМА 120043425, РЯМ 1210012971), воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи № 020578, ки онро МТМУ №9-и ноҳияи Шаҳринав соли 1997 ба Муминова Лола Абдуаҳадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0023028, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2008 ба Муминова Лола Абдуаҳадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Созишномаи гумшуда дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ 20-уми декабри соли 2022 таҳти феҳрасти №2Ш-1023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Н. Махсум, маҳаллаи Зарафшон-2, ошёнаи 17, бо масоҳати умумии 39, 79 $м^2$ ба Баҳромов Ҷаъмамурод Ҳасанович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе таҳти феҳрасти №8Д-7085 25-уми декабри соли 2002 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 67, хонаи 20 ба Нахимов Саидраҳим додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 21-уми декабри соли 2021 таҳти феҳрасти №1Ш-5044 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Яккатут (собиқ ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Яккатут) ба Каримов Эраҷ Мирзоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи №А02685183, ки онро ШВКД дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 26-уми ноябри соли 2019 ба Сафолова Миҷгона Ҳасановна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БМMҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 102, хонаи 99 ба Алиахмедов Ғолибшо Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №8082110, ки онро МТМУ №95-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2006 ба Амонова Моҳрӯ Абдуҳалимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатномаи гумшудаи бақайдгирии давлатӣ, ки онҳоро КДФ «БМMҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, бинои 6, хонаи 20 ба Гулова Муҳаббат Абдураҳмоновна додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 25-уми майи соли 2021 таҳти феҳрасти №1Ш-2645 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, бинои 6, хонаи 20 ба Гулова Муҳаббат Абдураҳмоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 102, хонаи 99 ба Алиахмедов Ғолибшо Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2023 ба Холбобоев Парвиз Қаҳрамонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи ТШТУ №0090882, ки онро МТМУ №9-и ноҳияи Файзобод соли 2007 ба Маҷидова Нодира Султоновна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Муҳаммади Хоҷазода» (РМА 010105926, РЯМ 0110029425), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 20-уми декабри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Муассис:
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 13 майи соли 2024, соати 16:40 иҷозат дода шуд.*
*Адади нашр 35055 нусха*

Навбатдорони шумора
Ш. Атобуллоев
ва Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97